Рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад. Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№3(1077)
30 ноябри соли 2024

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail:
omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ СОҲАИ МАОРИФИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

6 ноябри соли 2024 аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол пур мешавад. Дар ин муҳлат амали Конститутсия нишон дод, ки ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ бо назардошти танзими конститутсионӣ рушд ва таъмин гардида, фазои ҳуқуқии мусоид барои баамалбарории ҳуқуқу озодиҳои инсон муҳаё шудааст. Чунки Конститутсия ҳамчун санади муҳими сиёсӣ ва эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, принсипҳои асосии бунёди давлати миллӣ, пешбурди давлатдорӣ ва низоми онро бо нақш ва ҳузури шохаҳои ҳокимияти давлатӣ пурра ва ҳаматарафа танзим намуда, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф кард.

Дар давлат ва ҷомеа инсоне озоду масрур зиндагонӣ менамояд, ки фаъолияти ӯ ба принсипи қонуният мутобиқ бошад. Қонуният ҳолати ҳаёти ҷомеа мебошад, ки дар он қонунгузорӣ босифату пайгирона вуҷуд дорад ва қоидаҳои қонунҳое, ки бо тартиби муқарраршуда қабул шудаанд, аз ҷониби мақомот, шахсони мансабдор, ташкилоту шаҳрвандон риоя ва иҷро карда мешаванд.

Рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоҳидаи ҷомеа аз таъмини ҳуқуқии саривақтӣ ва мукаммали онҳо вобаста аст. Бинобар ин, зарур аст, ки қонунгузорӣ пайваста ва дар ҳамбастагӣ бо масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ такмил ёбад ва пеш равад.

Дар паёми шодбошии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсия санаи 6 ноябри соли 2022 нақши Констиутсияро дар рушди Истиқлолияти давлатӣ чунин баён намуданд: “Баъди расидан ба истиқлоли давлатӣ ба мо зарур буд, ки Конститутсия, яъне қонуни асосии давлати соҳибихтиёри худро таҳия ва қабул намоем. Пеш аз ҳама, лозим буд, ки давлати соҳибистиқлоли мо дар сатҳи қонуни асосӣ эълон ва расмӣ гардонида, мақсаду мароми мардуми он - бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ дар ин санади тақдирсоз дарҷ карда шавад. Мардуми шарифи Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо қабули ин санади раҳнамо бо майлу иродаи худ маҳз чунин сохти давлатиро интихоб намуданд. Имрӯз бо ифтихор изҳор медорем, ки Тоҷикистон бо эълони созмон додани чунин ҷомеа ва давлат ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардид ва дар ин роҳ ҳамчун қисми ҷудоинопазири ҷаҳони муосир ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи мутамаддини башарӣ бо қадамҳои устувор пеш рафта истодааст. Дар Конститутсия принсипу меъёрҳои бунёдии ҷомеа ва давлат муқаррар шудаанд, ки онҳо асоси сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсати хориҷии давлатро ташкил медиҳанд. Дар асоси меъёрҳои Конститутсия ба мо муяссар



Аҳлиддин Ибодуллозода,
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

гардид, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодии кишварамонро таъмин намуда, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварем. Ин санади муқаддас, яъне Конститутсия воқеан ҳам ифодагари иродаи халқи Тоҷикистон аст, зеро халқ дар муҳокимаи он бо пешниҳоду дархостҳои судманд фаъолона ширкат кард ва онро бо аксарияти мутлақи раъйи худ қабул намуд. Воқеан, яке аз меъёрҳои асосии Конститусияи мо таъмин намудани иштироки васеи шаҳрвандони кишвар дар идораи корҳои давлативу ҷамъиятӣ мебошад”.

Дар заминаи суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудан зарур аст, ки бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси тамоми низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд,

Давомаш дар с.2

ДАР ИН ШУМОРА:



ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 3



ИШТИРОК ДАР ФОРУМУ КОНФРОНСҲО 5




НАВИДИ ИЛМӢ 10




ТАҲЛИЛИ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТ 13-14

ТАВАҶҶУҲ

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ СОҲАИ МАОРИФИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

тарҳрезиву ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ дар асоси принсипи конститутсионии тақсимоти ҳокимият таҳия гардид, қабули қонунҳои нав бо рӯҳи истиқлолияти давлатӣ ва ба манфиатҳои ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва иқтисоди бозоргонӣ мувофиқ оғоз шуд.

Баъди қабули Конститутсия роҳу равиш ва сатҳи зиндагии мардум дигар гардида, рушди падидаҳои конститутсионӣ бори дигар собит намуд, ки ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар берун аз меъёрҳои Конститутсия наметавонад орому пурмаҳсул ҷараён гирад. Ғайр аз ин, ҳамаи пешравиҳое, ки дар ҳаёти ҷомеаи навини тоҷикон сурат гирифтааст, бидуни Конститутсия ва ислоҳоти баъдинаи конститутсионӣ ба амал омаданашон ғайриимкон буд. Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи қабул гардиданаш то ин замон, вазифаҳои дар пеш истодаашро бехтару саривақти ба иҷро расонида, халқи тоҷикро бо талошҳои пайдарпаи Президенти мамлакат ба соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии мамлакат таъмин ва дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёр муаррифӣ намуд.

Яке аз соҳаи иҷтимоии давлат соҳаи маориф ва илм мебошад. Нақши маориф ва илм дар рушди давлат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум хеле бузург аст. Маориф бо тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият алоқаманд аст. Ин робита тавассути шахсе, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ иштирок мекунад, амалӣ мегардад. Маориф ягона зернизоми махсуси ҷомеа мебошад, ки вазифаи он бо мақсади ҷомеа мувофиқат мекунад. Низоми таълим инсонро ба камол мерасонад, ки ба инкишофи ахлоқӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва эстетикии ӯ таъсир мерасонад. Соҳаи маориф ва илм омӯзиши вазифаҳои муҳими иҷтимоиро иҷро мекунад: аз рӯи сатҳ ва сифати таҳсилоти мавҷуда ба тақсимоти афрод дар байни табақаҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад; талабот ва эҳтиёҷоти тағйирёбанда ва афзояндаи ашхоси алоҳидаро дар шароити иқтисоди бозорӣ конеъ мегардонад; низоми арзишҳо, ки ба стратегияҳои ҳаёти шахсон таъсир мерасонанд, ташаккул




медиҳад; функсияҳои прагматикӣ ва хизматрасонӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва мутобиқшавии шахс мусоидат мекунанд.

Бо қабул шудани Конститутсияи кишвар ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон мақоми конститутсионӣ касб намуд ва дар соҳаи маориф ва илм заминаи бевоситаи қабули қонунҳои зерин гардиданд: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», «Дар бораи Парки технологӣ». Ин қонунҳо вазифаҳои асосии таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба таҳсил иҷро намуда, барои пайваста фаъолият намудан ва рушди низоми маорифу илм кафолатҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои риоя намудани стандартҳои байналмилалӣ дар бахши ҳуқуқи инсон ва озодии бунёдии ӯ дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти умумии асосӣ ва баробарии пурраи мардону занонро кафолат медиҳад. Дар моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, ки ҳар шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Шаклҳои дигари таълимро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Дар даврони истиқлолияти мамлакат маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамоянд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ барои дигаргунсозии низоми маориф, комёб шудан ба дастрасии баробар ба таҳсилот, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи таҳсилот дар байни аҳолӣ равона шудаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024 аз дастовардҳои маориф ва илми кишвар дар замони соҳибистиқлоли ёдовар шуда, зикр намуданд, ки:

“Мо ба масъалаи маориф ва илм таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар давоми беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ зиёда аз 3900 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла муассисаҳои типи нав, яъне гимназия, литсею коллеҷ, инчунин, донишгоҳу донишкада бунёд кардем. Агар соли 1992 ба соҳаи илм ҳамагӣ 58 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардида бошад, дар соли 2023 ба ин соҳа 180 миллион сомонӣ ҷудо гардида, дар буҷети соли 2024 зиёда аз 225 миллион сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. То замони истиқлол дар кишвар 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 65 ҳазор донишҷӯ фаъолият дошт. Ҳоло ин рақам ба 47 ва шумораи донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 220 ҳазор нафар расидааст. Яъне ҳам шумораи мактабҳои олӣ ва ҳам шумораи донишҷӯёни онҳо қариб чор баробар афзудааст. Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат аз соли 2001 то соли 2019 дар сохтори Академияи миллии илмҳо бо роҳи азнавташкилдиҳӣ муассисаҳои нави илмиву таҳқиқотӣ – пажӯҳишгоҳҳои масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, иқтисод ва демография, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионӣ, Маркази илмии Хатлон, Маркази синошиносӣ дар назди Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ таъсис дода шуданд. Ҳамчунин, таъсиси пажӯҳишгоҳи омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, Маркази мероси хаттӣ, Маркази инноватсионии рушди илм ва технологияҳои нав, Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионӣ ва Маркази омӯзиши пиряххои Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои ҳамин давра мебошанд. Ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон узви баробарҳуқуқи даҳҳо муассисаи бонуфузи илмии ҷаҳонӣ мебошад”.

Воқеан рушди маориф ва илм ҳамчун асоси тараққиёти маънавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании ҷамъият буда, самтҳои афзалиятноки тараққиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва асоси фаъолияти мақсаднок ва мунтазами давлат барои конеъ гардонидани талаботи шахсият ва ҷомеа дар таълиму тарбия мебошад. Бинобар ин соли 2024 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф ва илм дар ҳудуди 8 млрд. 231,9 млн. сомонӣ ҷудо мегардад, ки нисбат ба соли гузашта 1 млрд. 21,5 миллион сомонӣ ё 14,2 фоиз зиёд буда, қариб 18,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет ва 5,7 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ “Уфуқҳои Истиқлол” таъкид менамоянд, ки: “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо неруҳои аклонии мамлакат, махсусан, ба рушди илму маориф, тарбияи насли нави соҳиби донишу маърифати баланд таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ҳалли масоили муҳими ҳаётиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ хулосаҳои илмӣ, донишу малака ва дархосту пешниҳодоти онҳоро мавриди истифода қарор медод. Мушоҳида ва таҳлилҳо собит месозанд, ки сарфи назар аз мушкилот дар ин давра барои рушди босуботи илм ва маориф, ба роҳ мондани технологияҳои муосир бо истифода из неруи илмии ҷумҳурӣ, аз дастовардҳои олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияҳои соҳавию мактабҳои олӣ бахри дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ намудани дастовардҳои олимони тоҷик корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд. Метавон гуфт, ки имрӯз тафаккури техникӣ, технологияи муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ ба омилҳои муҳим ва пешбарандаи иқтисодиёт ва оияндаи ҷомеа табдил ёфтаанд. Ҷиҳати соҳиб шудан ба мақоми арзанда дар арсаи ҷаҳонӣ ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриро зарур аст, ки фаъолияти худро бо назардошти талаботи замони муосир ба роҳ монда, тамоми имкониятҳоро бахри тарбия ва ба камол расонидани насли бофарҳангу ватанпарвар, ворисони арзандаи сарзамини аҷдодӣ, инчунин, тайёр кардани кадрҳои соҳибмаърифату баландихтисоси ҷавобгӯйи замони муосир равона созад”.

Пас дар асоси ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар баробари баамал баровардани ҳуқуқҳои конститутсионии худ бояд вазифаҳои муқаддаси констиутсионии худро иҷро намояд ва барои устувор нигоҳ доштани сулҳу суботу ваҳдати миллӣ, рушди соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла соҳаи маориф ва илм саҳмгузор бошад.

ҲАМКОРӢ

**Рӯзи 27.112024 миёни ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода ва ректори Донишгоҳи давлатии Полесси Ҷумҳурии Беларус Дунай Валерий Иванович созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.**

# ИМЗОИ СОЗИШНОМА БО ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПОЛЕСС

Ин созишномаи нави ҳамкорӣ дар рӯзи якуми Форуми сеюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус, ки таҳти унвони «Маориф – ҳамчун омили муҳим дар таҳкими робитаҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус» дар шаҳри Душанбе баргузор гардида истодааст, имзо гардид.

Айни замон Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо зиёда аз 14 муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Беларус ҳамкориҳои дуҷонибаро ба роҳ мондааст.

Маврид ба зикр мебошад, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар самти ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Беларус яке аз муассисаҳои пешқадами кишвар буда, давоми 2 соли охир зиёда аз 20 нафар донишҷӯёнро тибқи барномаи табодули академӣ ба муассисаҳои олии касбии ин кишвар сафарбар карда, зиёда аз 12 нафар кормандону устодони донишгоҳ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Беларус табодули таҷриба намудаанд.



РОБИТА

# ТАҚВИЯТ ЁФТАНИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ БО ДОНИШГОҲИ КАСБИИ ЗАОҶУАН

**Имрӯз дар Ҷумҳурии Халқии Хитой вохӯрии намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо сафари корӣ дар ин кишвар қарор доранд бо роҳбарияти Донишгоҳи касбии Заоҷуан баргузор шуд.**



Дар вохӯрӣ доир ба рушди ҳамкориҳо дар самти паркҳои технологӣ, татбиқ гардидани илм дар истеҳсолот, лоиҳаҳои дуҷониба, табодули омӯзгорону донишҷӯён, чопи мақолаҳо, додугирифти илмӣ ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳи ду ҷониб гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

Зимни суҳбат таваҷҷуҳи зиёд ба тавсеаи ҳамкории илмӣ ва илм дар истеҳсолот зоҳир гардид. Дар ин ҷода бештар фаъол намудани равобити паркҳои технологӣ, истеҳсоли маҳсулот ва ба ин васила бештар намудани иқтидори онҳо зарур шумурда шуд.

Пас аз мулоқоти дуҷониба, миёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи касбии Заоҷуан созишномаи ҳамкорӣ (ба таври намунавӣ) ба имзо расид.

Маврид ба зикр аст, ки дар заминаи ин созишнома ба роҳ мондани робитаи мустақими ҳаёти омӯзгорону донишҷӯёни ду муассисаи олии таълимии Тоҷикистону Чин метавонад ба рушду тавсеаи бештари робитаҳои илмӣ ва дар амал татбиқ намудани илм дар истеҳсолот нақши арзанда гузорад.

Дар ҳамин ҷо ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ибодуллозода Аҳлиддин барои саҳми арзанда гузоштан дар рушду густариши муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ ва таҳкими робитаҳои илмӣ миёни ду донишгоҳ бо унвони Профессори фахрӣ сарфароз карда шуданд.

Ибодуллозода Аҳлиддин аз шарафёбӣ ба унвони Профессори фахрии ин донишгоҳи Чин изҳори қаноатмандӣ карда, ба ҳайати роҳбарӣ ва Шурои илмии ин муассисаи олии таълимӣ барои қадршиносиашон изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

ГУСТАРИШ

# ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ БО ДОНИШГОҲИ КАСБИИ ЛИНИЙ ГУСТАРИШ МЕЁБАНД



**Намояндагони Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Хитой аз Донишгоҳи касбии Линий боздид намуда, бо фаъолияти парки технологӣ, раванди баргузории дарсҳо, маҳсулоти ин муассиса аз қабили дрон, робот, қуватдеҳ (зарядник), дигар маҳсулоте, ки дар инҷо истеҳсол карда мешаванд ва умуман татбиқи илм дар истеҳсолот, аз наздик шинос шуданд.**

Дар доираи боздид миёни роҳбарияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи касбии Линий мулоқоти судманд сурат гирифт.

Зимни мулоқот ҷонибҳо аз вазъи имрӯзаи таҳқиқоти илмӣ, низоми таълим, равобит бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои дуру наздик, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва неруи илмии донишгоҳҳо ибрози андеша намуданд. Табодули устодону донишҷӯён ва таҷрибаомӯзии онҳо дар донишгоҳҳои ҳамдигар, инчунин ба роҳ мондани истеҳсоли техникаи муосир дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз нуктаҳои муҳими мулоқот буданд.

Баъд аз боздид ва мулоқоти судманд, миёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи касбии Линий созишномаи ҳамкорӣ (ба таври намунавӣ) имзо гардид.

Дар амал татбиқ гардидани созишномаи мазкур имкон фароҳам меорад, то дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ истеҳсоли маҳсулоти марбут ба техникаю технология ба роҳ монда шавад.

*Муроди ӯ ҳақиқат, росткорӣ,*
*Чӣ ҷои шак ба имони муаллим.*





# НАҶОТБАХШИ МИЛЛАТ

**Дар кишвари азизи мо ҳамасола рӯзи 16-уми ноябр яке аз санаҳои муҳими таърихӣ – Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як шукуҳи бузург таҷлил мегардад. Ин санаи хотирмону фархунда барои сокинони ҷумҳурӣ аз он лиҳоз хуҷаста аст, ки Президент ҳамчун чеҳраи давлатсоз ва абармарди дунёи сиёсату симои миллати куҳанбунёд дар он рӯз зимоми давлатдориро ба даст гирифта, дар пайраҳаи давлатдорӣ қадамҳои нахустини худро гузошт. Воқеан, таърих барои миллати тоҷик шахсиятеро дар симои Эмомалӣ Раҳмон сари қудрат овард, ки дар замони вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодӣ ва маънавӣ Тоҷикистонро аз гирдоби кашмакашиҳои сиёсӣ ва вартаи нобудӣ берун овард, шуълаҳои оташи ҷанги бародаркӯшро хомӯш намуд, гурезагони иҷбориро ба Ватани аҷдодӣ бозгардонд, бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ сулҳи деринтизор, пойдор ва пояндаро ба Тоҷикистони соҳибистиқлол ба армуғон овард.**

Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди мамлакат дар муддати кӯтоҳ силсилаи корҳои бузургеро ба анҷом расонид, ки назирашон дар таърих хеле бузург аст. Нахустин кори таърихӣ ва мондагори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди пойдор намудани сулҳу амният аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳонидани кишвар буд. Бунёд, таъмир ва бозсозии роҳҳои автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Қулма, Душанбе-Хуҷанд-Чанак, Душанбе-Бохтар, мавриди истифода қарор гирифтани нақбҳои Истиқлол, Шаҳристон, Озодӣ, Майхура ва Хатлон иртиботи ҳамешагии минтақаҳои Тоҷикистонро фароҳам сохт ва ҳоло дар соҳаи нақлиёт 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 13 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат аҳолиро аз эҳтиёҷи хӯрокворӣ ва камбизоатӣ раҳонид.

Бузургтарин ҳадафи стратегие, ки дар даврони истиқлоли давлатӣ зери назорати ҳамешагии Президенти маҳбуби кишвар муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон тадбиқи ҳамаҷонибаи худро пайдо намуд, ин ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Пушида нест, ки пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ мушкилоти асосии мардуми тоҷик ин норасоии барқӣ буд. Хушбахтона дар даврони истиқлоли давлатӣ бунёди садҳо нерӯгоҳои хурду бузурги обӣ роҳандозӣ гардид, тадриҷан мушкилоти барқиро аз байн бурд. Масалан, соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад.

Дар доираи солҳои 2022-2026 эълон доштани «Солҳои рушди саноат» иқтисоди мамлакат дар роҳи рушди босуръат таккони ҷиддӣ хӯрд. Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд. Танҳо дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда 2,4 баробар зиёд гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмонро дар баробаи дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим инчунин таваҷҷӯҳи худро ба эҳё намудани фарҳанги миллӣ ва суннатҳои фаромӯшшудаи таърихӣ равона намуд. Бо кӯшишҳои хастагинопазир, ҷуръату шуҷоати бемисл ин чеҳраи милливу таърихӣ, пеш аз ҳама, такягоҳи боэътимоди забон ва фарҳанги миллӣ шуд. Забон дар симои Президент пуштибони қавӣ пайдо кард ва ба таъкиди Эмомалӣ Раҳмон «забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон» тавъам гардиданд. Сиёсати пайгиронаи Сарвари давлат дар мавриди забону фарҳанг имкон дод, ки забони тоҷикӣ ба забони илму фановарии ҷадид бадал гардад ва муҳимтар аз ин мақоми давлатиро дарёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омадан фарҳангро бо мақсади эҳёи решаҳои таърихии миллат вазифаи аввалиндараҷаи худ дониста, онро ҷавҳари ҳастии миллат номид. Бо ташаббусҳои созандаи Президенти маҳбуби мо тоҷикон дар миқёси ҷаҳон ҳамчун машъалафрӯзони фарҳангу тамаддуни башарият ҷойгоҳи хосса пайдо намуданд, ҷашни миллии «Наврӯз» ҷаҳонӣ шуд, таҷлили ҷашнҳои фаромӯшшудаи «Сада», «Меҳргон» ва «Тиргон» ба ҳукми қонун даромад, рукнҳои зуҳуроти фарҳанги миллӣ – «Шашмақом», «Фалак» ва «Чакан» низ мақоми ҷаҳонӣ касб карданд. Ҳамзамон таҷлили мутантани бузургдошти ниёгони хирадманду шуҳратманди диёр, бо мақсади омӯзиши таърихи пурифтихори миллат ба ҳар оила туҳфа намудани шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон» ва шоҳасари ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро аз иқдоми фарҳангдӯстонаи Эмомалӣ Раҳмон баршумурдан ҷоиз аст.

Эмомалӣ Раҳмон аз байни мардум рӯйидаву ҳамеша бо мардуманд, аз ғаму мусибати мардум маҳзун мегарданд, аз шодиву фараҳи миллат меболанд, яъне дар рӯзҳои ғаму шодӣ дар паҳлуи миллатанд, Президент ва мардум чун гӯшту нохун тавъаманд. Сарвари муаззами миллат дар маросими ифтитоҳи корхонаву муассисаҳои таъйиноти гуногун ширкат меварзанд, ҳамвора аз ҳоли ятимону оилаҳои камбизоат хабар мегиранд, дасти меҳру сахоро ба сари ин қишри эҳтиёҷманди аҳолӣ арзонӣ медоранд. Дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ танҳо ҷиҳати пардохти кумаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат ва кӯдакони маъюб, инчунин, ҷубронпулии яквақта ба шаҳрвандони аз фалокатҳо зарардида 2 миллиарду 70 миллион сомонӣ равона карда шудааст, ки ин далели равшани таваҷҷуҳи Сарвари давлат ба маъюбону оилаҳои камбизоат аст.

Рушди соҳаҳои илму маориф аз самти авлавиятноки Президент ба шумор меояд. Ба ин хотир, соҳаи мактабу маориф ва фаъолияти омӯзгор дар саргаҳи афкори сарвари давлат қарор дошта, пайваста барои ҳалли масъалаҳои мубрами соҳа чорасозӣ мешавад. Қабули ду стратегия ва амалисозии ҳашт барномаи давлатӣ дар соҳаи маориф далели ин гуфтаҳост. Илова бар ин, 19%-и буҷаи солонаи ҷумҳурӣ, ки 7,2 миллиард сомониро ташкил медиҳад, ба соҳаи маориф марбут аст. Дар натиҷаи заҳматҳои пайвастаи Сарвари мамлакат Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Тавре Президенти мамлакат зимни мулоқот бо аҳли илму маориф ироз доштанд, ҳифзи ҷомеаи кишвар аз таъсири зуҳуроти манфии ҷаҳони муосир, аз ҷумла фарҳангу маънавиёти бегона, дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми забони модарӣ, таърих, суннату анъанаҳо, расму ойинҳо ва либоси миллӣ тарбия кардани наслҳои наврасу ҷавон қарз ва вазифаи муҳимтарини ҳар яки мо ба шумор меравад. Дар ин раванд, ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ба илмомӯзӣ ва густариши тафаккури илмӣ миёни онҳо, инчунин, фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ дар ин самт вазифаи муқаддаси зиёиёни кишвар ва дар навбати аввал, кормандони соҳаи илму маориф мебошад. Ин гуфтаҳо ба ҳар як фарди бедордилу худшинос, илмдӯсту соҳибмаърифат паёми равшани ба зиндагонии шоистаи имлммеҳвар умедворворкунанда медиҳанд.

Ҳамин тавр, метавон ба натиҷа расид, ки Тоҷикистон дар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳомӣ ва наҷотбахши худро ёфт, ки аз ҷаҳду талошҳои пайвастаи ӯ мушкилоти умдаи мардум ҳал гардида, зиндагӣ маҷрои тоза дармеёбад, раванди созандагиву ободонӣ вусъат мегирад, симои шаҳру ноҳияҳо ба куллӣ дигаргун мешавад, аз фазои навсозиҳо руҳияи мардум болида гардида, гули орзуҳои бошандагони ин диёри пурфайзу босахо мешукуфад, Тоҷикистон ба раванди нав – созандагиву ободонӣ устуворона қадам мезанад ва он рӯз дур нест, ки барои сокинони кишвари азизу муқаддаси мо зиндагии шоиста муҳайё гардида, Тоҷикистон ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир шомил мегардад.

Ҳамаи он пешравиҳо, дигаргунсозиҳо, ободиҳо аз баракати сиёсати хирадмандона ва қудуми мубораку хуҷастафоли сарвари муаззами раиятпарвари мост!

Мо, кормандони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ҷиҳати баланд бардоштани савияи таълим ва омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ саъю талош намуда, пайваста ҷаҳт менамоем, ки ҳар як дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро содиқона ва бо масъулияти бузург анҷом диҳем.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба тамоми омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва дар симои онҳо ба кули ҳамватанон табрику таҳнияти гуфта, ба Тоҷикистон азиз тамании онро дорам, ки дар фазои софаш пайваста офтоби сулҳу ваҳдат нурафшон бошад.

***Ибодуллозода А.И.,***
***ректори ДДОТ***
***ба номи С. Айнӣ***

ФОРУМ

# ИШТИРОК ДАР ФОРУМИ РЕКТОРОН

**Имрӯз Форуми сеюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус таҳти унвони «Маориф – ҳамчун омили муҳим дар таҳкими робитаҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус» дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба кори худ оғоз кард.**

Дар кори форум ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ибодуллозода Аҳлиддин иштирок намуда истодаанд.

Форуми сеюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва Беларус ду рӯз дар ду бахш идома ёфта, баимзорасонии созишномаҳои нави ҳамкорӣ дар назар аст.

Дар форум намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус ва роҳбарони сохторҳои илмию таълимии ду давлат аз ҷумла ректорон ва намояндагони 13 муассисаи олии касбии ин кишвари дӯст иштирок доранд.



ҲАМОИШ

# ИШТИРОК ДАР КОНФРОНСИ УМУМИҶАҲОНӢ

**Имрӯз намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба таҳсилоти касбӣ ва техникӣ, ки дар шаҳри Тянҷзини Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардида истодааст, иштирок намуданд.**

Ин чорабинӣ як майдони муҳим барои табодули таҷриба, баррасии навовариҳо ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф мебошад. Зеро намояндагони соҳаи маориф аз кишварҳо ва созмону муассисаҳои минтақавию байналмилалӣ дар он фаъолона иштирок намуда, аз таҷриба, навоварӣ ва комёбиҳои хеш дар ин самт суханварӣ ва табодули андеша менамоянд.

Конфронси мазкур аз 15 то 23 ноябри соли 2024 идома меёбад.



ҲАМКОРӢ

# БОЗДИДИ НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ СҲШ

**Дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Донишкадаи иқтисод ва савдои Созмони Ҳамкории Шанхай ташриф оварда, аз ин муассисаи илмии СҲШ дидан намуданд.**

Зимни боздид аз ҷумла, иттилоъ дода шуд, ки Донишкадаи иқтисод ва савдои Созмони Ҳамкории Шанхай дар шаҳри Чиндао 22 январи соли 2022 мавриди ифтитоҳ қарор дода шуда, дорои иқтидори бузурги илмӣ ва яке аз муҳимтарин муассисаҳои илмии Созмони Ҳамкории Шанхай маҳсуб меёбад.



# БАСТАНИ СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ



**Дар доираи сафар ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳайати намояндагони Тоҷикистон бо роҳбарияти Донишкадаи иқтисод ва савдои Созмони Ҳамкории Шанхай мулоқот анҷом доданд.**

Дар вохурӣ зикр гардид, ки Донишкада муҳимтарин иқдоми созмон буда, дар рушду такомули давлатҳои аъзо мусоидат менамояд ва барои омода намудани мутахассисон тавассути таболули омӯзгорону донишҷӯён саҳмгузор хоҳад буд.

Инчунин таъкид карда шуд, ки ҳамкориҳои донишкада дар доираи иқдоми "Як камарбанд – як роҳ" ба роҳ монда шуда, дар заминаи он инкишофи ҳамлу нақли молу маҳсулот, туризм, савдои тарафайн, тиҷорат ва фаъолияти ин муассиса ба роҳ монда шудааст.

Дар зимн, миёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишкадаи иқтисод ва савдои Созмони Ҳамкории Шанхай созишномаи ҳамкорӣ (ба таври намунавӣ) имзо гардид.

Созишномаи мазкур имконият медиҳад, то минбаъд дар ихтисосҳои мухталиф довталабон ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Гузашта аз ин, барои ба такмили ихтисос фиристодани омӯзгорони ду ҷониб шароити муфид фароҳам меорад.

**ҲАМОИШ**

# ҲАМОИШ ТАҲТИ УНВОНИ “ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ПРЕЗИДЕНТИ СУЛҲОФАР ВА КАФИЛИ САОДАТУ ИФТИХОРИ ҶАВОНОН”

**Имрӯз бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 32-юмин солгарди Иҷлосияи XVI–уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори пуршукуҳи бинои навбунёди донишгоҳ ҳамоиши наврасону ҷавонони пойтахт таҳти унвони “Эмомалӣ Раҳмон – Президенти сулҳофар ва кафили саодату ифтихори ҷавонон” доир гардид.**



Дар ҳамоиш раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор, аъзои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хирдирзода Махфират, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ибодуллозода Аҳлиддин, омӯзгорону донишҷӯён, наврасону ҷавонони пойтахт иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ҳамоиш баромадкунандагон ба муҳиммият ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани Рӯзи Президент дар кишвар ва нақшу саъю талошҳои Пешвои миллат дар роҳи расидан ба Ваҳдати миллӣ, зиндагии шоиста ва шинохти тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ ибрози андеша намуданд.

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳтарам Ибодуллозода Аҳлиддин зимни суханронии худ ҳозирин ва дар симои онҳо тамоми шаҳрвандони кишварро ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, қайд намуданд, ки ин санаи саиду фархунда барои сокинони Тоҷикистони биҳиштосо аз он лиҳоз хуҷаста аст, ки Президент ҳамчун чеҳраи муҷаллаву мунавварфикр ва абармарди дунёи сиёсат симои миллати куҳанбунёд, аммо дилҷавони тоҷикро чун оинаи софу беғубор инъикос менамояд.

Дар доираи ҳамоиш меҳмонон аз Осорхонаи донишгоҳ дидан намуда, нақши онро дар омӯзиши таърих фарҳанги пурғановати миллати тоҷик ва баланд бардоштани худшиносиву ватандӯстии ҷавонон муҳим арзёбӣ намуданд.



**ИСТИҚБОЛ**

# ҲАМОИШИ МУТАНТАН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ

**Имрӯз тибқи нақша-чорабиниҳои Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мавзуи “Нақши Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории навин” баргузор гардид.**

Дар кори конференсия нахуст Айнулозода Нахтулло муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ, сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ муҳтарам Ибодуллозода Аҳлиддинро ба саҳми иштирокчиён расонид. Аз ҷумла, зикр шуд, ки ҳадаф аз роҳандозии ин иқдом гиромӣ доштани хизматҳои шоёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эъмору таҳкими давлатдории миллӣ, баланд бардоштани маърифати худогоҳии ҷавонон, ташаккули фарҳанги худшиносии миллӣ, пос доштани арзишҳо ва дастовардҳои милливу давлатӣ махсусан дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мебошад.

Мувофиқи барномаи конференсия баромадҳо дар мавзуҳои зерин шунида шуданд:

Маърӯзаи Ҷамшед Саидалӣ Муртазозода, д.и.ҳ., профессор – вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Эмомалӣ Раҳмон ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкили давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона”;




Маърӯзаи Идизода Файзалӣ Фузайлишо, н.и.ҳ., дотсент – вакили мардумӣ, раиси Кумитаи сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил ва ташаккули Парлумони касбӣ”;

Маърӯзаи Мирзозода Иброҳим Холмурод – раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дар мавзуи “Рӯзи Президент – намоди садоқат ба ватану миллат”

Маърӯзаи Қозиён Шариф Қозӣ – н.и.ҳ., д.и.с., профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон оид ба муаррифии китоби “Эмомалӣ Раҳмон ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

Маърӯзаи Маҳмудов Давлатшоҳ – омӯзгори калони кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар мавзуи “Дастовардҳои роҳсозони тоҷик дар солҳои соҳибистиқлолӣ”.

Дар доираи ҳамоиши пуршукуҳ Озмуни донишгоҳии “Беҳтарин хонандаи китоб” ҷамъбаст гардида, ба 3 нафар омӯзгор ва 3 нафар донишҷӯёни ғолиб дипломҳои дараҷаи 1, 2 ва 3 тақдим карда шуданд.

Инчунин дар охири конференсия намоиши филми мустанади “Пешвои миллат ва ҳифзи фазои расонаӣ” пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

Дар қисмати фарҳангӣ бо садо додани суруду таронаҳо аз ҷониби ҳунармандони ансамбли “Чеҳранамо” дар васфи Президент, Ватан ва гулгулшукуфоии кишвар табъи дили иштирокчиён болида гардонида шуд.

Баҳри огоҳ шудан аз таърих, фарҳанг ва табиати ин сарзамини зебо ва дастовардҳои нахустмактаби олии кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ меҳмонон аз осорхонаи донишгоҳ боздид намуданд.

## ҲАМОИШ

# ҲАМОИШИ ПУРШУКӮҲИ ДОНИШГОҲӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ПАРЧАМ

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд таҷлил намудани Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони “Парчами давлатӣ баёнгари ҳувият, таърих ва моҳияти давлати тоҷикон” баргузор гардид.**

Сараввал бо иштироки аҳли раёсат ва ҳайати бисёрнафараи омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ҳамчун эҳтиром ба Парчами давлатӣ – саодатномаи миллат, нишонаи давлатдории миллӣ, истиқлолу озодӣ ва муқаддасоти миллӣ бо гирифтани парчам ба дастон дар саҳни ин боргоҳи илму маърифат роҳпаймоии идона баргузор гардид.

Сипас дар толори бузурги донишгоҳ бо ҳузури аҳли раёсат, устодон, донишҷӯён ва меҳмонон конференсияи ҷумҳуриявии ҷашнӣ ба кори худ ҳусни оғоз бахшид.

Дар кори конференсия нахуст Айнулозода Наҳтулло муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ, сухани ифтитоҳии ректори донишгоҳ Ибодуллозода Аҳлиддинро ба саҳми иштирокчиён расонид. Аз ҷумла, зикр шуд, ки хушбахтона, баъди садсолаҳо мардуми тоҷик ба шарофати соҳибистиқлолӣ аз нав соҳиби парчами миллӣ - рамзи давлати мустақилу соҳибихтиёр гардид ва ин боиси ифтихор ва сарфарозии ҳар як тоҷики бонангу бономус мебошад.

Меҳмонони конференсия Қаҳҳор Расулиён – д.и.т., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Фатҳиддин Замон – сармуҳаррири идораи “Амният”-и “Телевизиони Тоҷикистон”, Равшаналиев Фирӯз – омӯзгори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуҳои “Аз таърихи парчамдории тоҷикон ва сайри таърихии он”, “Парчами давлатӣ ва худшиносии миллӣ дар замони ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ”, “Парчами давлатӣ – таҷассумгари ормонҳои миллии тоҷикон” маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд.

Зимнан ба мудири шуъбаи тарбияи донишгоҳ Аланазаров Шараф нишони сарисинагии “Аълочии матбуоти Тоҷикистон” тақдим карда шуд.

Дар қисмати фарҳангии ҳамоиш аз ҷониби ҳунармандони ансамбли “Чеҳранамо” суруду таронаҳо дар васфи Парчам, Ватан, Сулҳ ва Ваҳдат садо доданд, ки ба дили иштирокчиён эҳсоси ифтихор аз парчамдорӣ ва дӯст доштани ин меҳанро ба вуҷуд овард.

Дар охир меҳмонон аз Осорхонаи донишгоҳ дидан намуда, бо толору гӯшаҳои он, ки инъикоскунандаи таърих, фарҳанг, табиат ва дастовардҳои нахустмактаби олии кишвар мебошанд, шинос гардиданд.



## РОҲПАЙМОӢ




# ИШТИРОКИ 3 ҲАЗОР НАФАР ДАР РОҲПАЙМОӢ

**Рӯзи 24.11.2024 дар шаҳри Душанбе ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳпаймоии оммавии сокинон ва ҷавонони касбу кори гуногуни пойтахт баргузор гардид.**

Дар роҳпаймоии мазкур 3 ҳазор нафар аз ҳисоби роҳбарият, устодон ва донишҷӯёни Донигоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иштирок намуданд.

## КОНФРОНС

# ИШТИРОК ВА СУХАНРОНИИ НАМОЯНДАИ ДОНИШГОҲ ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

**Имрӯзҳо (4-7.11.2024) дар Ҷумҳурии Мардумии Чин Конфронси байналмилалии табодули академии Anji Play таҳти унвони "Мерос, ошкорбаёнӣ ва инноватсия" баргузор гардида истодааст.**

Дар кори он намояндагони кишварҳои Чин, Англия, Испания, Финландия, Тоҷикистон, созмони ЮНЕСКО ва дигар коршиносони байналмилалӣ иштирок доранд.

Боиси хушнудӣ аст, ки дар ин конфронси сатҳи байналмилалӣ аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 3 нафар иштирок намуда истодаанд.

Тибқи барномаи конфронс рӯзи 5 ноябр Азаматзода Ғайратшо - декани факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи "Рушди таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" маърӯзаи пурмуҳтаво намуда, андешаҳои худро баён дошт.



КОНФЕРЕНСИЯ

# ТАҲТИ УНВОНИ “МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР” КОНФЕРЕНСИЯ БАРГУЗОР ГАРДИД

**Рӯзи 15.11.2024 дар Донишгоҳши давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба амалӣ гардидани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” бо ташаббуси кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии факултети забонҳои романӣ-германӣ таҳти унвони “Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва проблемаҳои забоншиносии муосир” конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.**



Дар кори конференсия Айнулозода Наҳтулло – муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ, декани факултети забонҳои романӣ-германӣ Исломова Ҷамила, деканони факултетҳо, намояндагони соҳаҳои забоншиносиву педагогика ва донишҷӯён иштирок ва суханронӣ намуданд.

Мақсад аз баргузор намудани ин конференсия ҳалли масъалаҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, баррасии баъзе аз проблемаҳои забоншиносии муосир ва пайдо намудани роҳҳои ҳалли мушкилиҳои омӯзиш дар самти забонҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин роҳҳои амалигардонии “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР МАВЗУИ “РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ – ОМИЛИ ПЕШРАФТИ БОСУБОТИ КИШВАР”

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва “Ҳадафи чоруми миллӣ - саноаткунонии босуръати кишвар” бо ташаббуси кафедраи физикаи экспериментали факултети физика дар мавзуи “Рушди фанҳои табиатшиносӣ – омили пешрафти босуботи кишвар” конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ баргузор гардид.**

Дар кори конференсия олимону донишмандон аз муассисаҳои олии касбии кишвар, роҳбарият ва омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуда, дар мавзуъҳои гуногун маърӯзаҳо ироа гардиданд.

Айнулозода Наҳтулло – муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимии донишгоҳ дар суханронии хеш зикр намуд, ки пешрафти ҳар давлат аз захираҳои зеҳнӣ ва рушди тафаккури сокинони кишвар сахт вобаста буда, айни замон илмҳои дақиқ, тафаккури техникӣ, технологияи муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ ба омили пешбарандаи иқтисодиёт ва ояндаи ҷомеа табдил ёфтааст.

Дар ин робита, “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” имконият фароҳам меорад, то тафаккури техникию табиии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ташаккул ёбад ва ба тараққиёти илму техника то як андоза мусоидат намояд. табодули афкор сурат гирифт.

Дар охир миёни иштирокчиёни конференсия дар мавзуи “Рушди фанҳои табиатшиносӣ – омили пешрафти босуботи кишвар” муҳокима ва табодули афкор сурат гирифт.





ХОНИШИ СИЁСӢ

# ХОНИШИ СИЁСӢ ДАР МАВЗУИ “ТАСНИФОТИ СИСТЕМАВИИ ДОНИШ ВА ИЛМ”

**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ хониши сиёсӣ баргузор гардид, ки дар он узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми фалсафа, профессор, Муҳаммадалӣ Музаффарӣ баромад намуданд.**

Мавсуф дар мавзуи “Таснифоти системавии дониш ва илм” бо рӯнамо муфассал маърӯза намуда, зарурат ва муҳиммияти онро ба саҳми аҳли толор, хосатан омӯзгорон баён намуданд.

Дар охир миёни маърӯзакунанда ва омӯзгорони донишгоҳ оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур табодули афкор сурат гирифт.





ҶАЛАСА

**Имрӯз тахти роҳбарии муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Сангинзод Дониёр ҷаласаи қисми илми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид, ки дар он сардори раёсати илм ва инноватсия, роҳбарони сохторҳои қисми илм ва муовинони деканҳо оид ба илм иштирок намуданд.**

# ҶАЛАСАИ ҚИСМИ ИЛМ: ФАЪОЛИЯТ БОЗ ҲАМ ҶОННОК КАРДА ШАВАД



Дар ҷаласа як қатор масъалаҳои марбут ба самти илм: санҷиши вазъи омоданамоии рисолаҳои хатм, раванди ҳимояи рисолаҳои илмӣ ва докторӣ, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD), фаъолияти Шурои диссертатсионӣ ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Бо хушнудӣ зикр шуд, ки 3 бахши маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ба феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд. Аз ҷумла, бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионӣ аз 1 октябри соли 2024 бахши илмҳои табиии маҷалла бо фарогирии илмҳои биология, химия, илмҳои заминшиносӣ ва бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ бори аввал ҳамчун маҷаллаҳои илмии тақризшаванда эътироф карда шуданд. Баъдан бахши илмҳои педагогика ва психология низ ҳамчун маҷаллаҳои илмии тақризшаванда эътироф карда шуданд, ки аз дастовардҳои илмии донишгоҳ дар ибтидои соли таҳсили 2024-2025 маҳсуб меёбад.

Дар охир таъкид карда шуд, ки ба ин дастовардҳо нигоҳ накарда, фаъолияти қисми илми донишгоҳ бояд боз ҳам ҷоннок карда шавад.

СИФАТИ ТАЪЛИМ

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ДОНИШГОҲ ДАР ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ИЛМӢ–МЕТОДӢ



**Ҷаласаи навбатии Шурои илмӣ-методии донишгоҳ, ки имрӯз доир шуд, чор масъаларо мавриди баррасӣ қарор дод. Роҷеъ ба "Ҳолати иҷрои лоиҳаҳои илмӣ-фармоишӣ дар факултет ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ" директори Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардон С. Хоҷазод гузориш дод.**

Номбурда иброз дошт, ки феълан дар донишгоҳ се лоиҳаи амалкунанда дар ҳоли фаъолият буда, чор лоиҳа ба Вазорати иқтисод ва савдо ва чор лоиҳа ба Шурои ҳамоҳангсозии КИТ АМИТ пешниҳод гардидаанд. Инчунин 38 лоиҳаи дигар қобили қабул мебошанд. Дар маҷмуъ 46 лоиҳа таҳрир шуда, ба зинаҳои минбаъда тавсия гардид. 12 кафедраи факултетҳо лоиҳа надоранд. Кафедраҳое, ки лоиҳаи илмӣ-фармоишӣ надоранд, муваззаф гардиданд, ки дар муҳлати як моҳ лоиҳаҳои худро пешниҳод намоянд.

Оид ба вазъи таълимию методӣ ва донишҷӯёни хориҷӣ гузориши масъули шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ Мусомирова Зуҳро шунида шуд. Ҳозирон баъди баррасӣ онро пазируфтанд.

Сардори Раёсати илм ва инноватсия Абдуҷалилзода Фарзона оид ба "Тақсими мавзуъҳои рисолаи хатми зинаи бакалавр ва магистр барои хатмкунандагони соли таҳсили 2024-02025" хулосаи комиссияро баён дошт. Ҷаласа қарор кард, ки он қаноатбахш ҳисобида шавад.

Дар хотима раиси Шурои илмӣ-методӣ, профессор Дониёр Сангинзод 12 адад дастур, воситаи таълим, комплекси таълимиву методӣ ва монографияро барои тасдиқ пешниҳод намуд, ки бо иттифоқи оро ба нашр тавсия шуданд.

Аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлор қабул гардид.

# ҲАДАФИ АСОСӢ БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

**Имрӯз дар ҷаласаи навбатии ҳайати Қисми тарбияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки бо иштироки муовини ректор оид ба корҳои тарбия Назарзода Нигора, мудирони шуъбаҳои тарбия, кор бо ҷавонон, занон ва донишҷӯдухтарон, Иттифоқи касабаи донишҷӯён ва муовинони декан оид ба корҳои тарбияи факултетҳо сурат гирифт, натиҷаи фаъолияти зерсохториҳои Қисми тарбия ва муовини декан оид ба корҳои тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шуд.**

Зимни ҷаласа доир ба омода намудани мутахассиси соҳаи маориф ба талаботҳои имрӯза, ки дорои сифатҳои баланди шахсии ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, фикру ҷисму рӯҳи солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, риояи қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳо, зебоипарастӣ, масъулиятшиносу фаъол, созандаю эҷодкор буданро миёни донишҷӯён корҳоро ҷоннок намуда, бахри фароҳам овардани шароит барои ташаккули салоҳиятнокии касбӣ, иҷтимоӣ, мавқеи шаҳрвандӣ дар донишҷӯён ва ташаккул додани тасаввуроти илмӣ дар бораи тарзи ҳаёти солим, омӯхтани малакаву маҳорати худтакмилдиҳии зеҳнию ҷисмонӣ дастур ва вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.



*Муғчаҳоро бо сухан во мекунӣ,*
*Сангҳоро дурру тилло мекунӣ.*

ЛОИҲА

# ОҒОЗИ АМАЛИШАВИИ ЛОИҲА БО БОНКИ ОСИЁИИ РУШД

**Имрӯз 07.11.2024 Қурбонзода Рухшона муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ бо намояндаи Бонки Осиёии Рушд Шин Лонг вохӯрӣ анҷом дод.**



Зимни вохӯрӣ, намояндаи Бонки Осиёии Рушд масъалаи оғози лоиҳаи навбатиро дар донишгоҳ баррасӣ намуда, аз ҳолат ва омадагиҳои донишгоҳ ибрози андеша намуд.

Тавре иттилоъ дода будем, дар доираи лоиҳаи навбатии муштарак дар донишгоҳ бинои нави лабараторӣ бунёд гардида, он бо таҷҳизотҳои нави замонавӣ аз қабили синфхонаи компютерӣ барои дарсҳои "IT", лабараторияҳо барои фанҳои химия, физика, математика ва дигар фанҳои дақиқ "STEM" бунёд мегардад.

Корбарии лоиҳа аз моҳи январи соли 2025 оғоз гардида, мақсади асосии он бунёди маркази ягонаи фанҳои дақиқ "STEM" барои дарсҳои амалӣ ва лабараторӣ мебошад.

Сабаби аввалиндараҷаи интихоб шудани Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар он аст, ки донишгоҳ аввалин муассисаи таълимиест, ки барои омодасозии омӯзгорони баландихтисос саҳми босазо дорад ва албатта ин боиси хушнудӣ мебошад.

НАВИДИ ИЛМӢ




# НАВИДИ ИЛМӢ: БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГИИ "ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ" НИЗ МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ ТАҚРИЗШАВАНДА ЭЪТИРОФ ШУД

**Маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» (ISSN 2708-5759) ба феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардид. Дар ин хусус аз 25 октябри соли 2024 фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шудааст.**

Бояд зикр намуд, ки ин сеюмин маҷаллаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ махсуб меёбад, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ ҳамчун нашрияи илмии тақризшаванда эътироф карда мешавад. Қаблан дар санаи 1 октябри соли ҷорӣ бахши илмҳои табиии маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» бо фарогирии илмҳои биология, химия, заминшиносӣ (аз ҷумла география) ва бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ низ шомили феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда гардида буданд.

Мавриди зикри хос аст, ки қисми илми донишгоҳ бо дастгириву роҳнамоии ректори муҳтарам Аҳлиддин Ибодуллозода барои пешбурди корҳои илмию таҳқиқотии устодону муҳаққиқон пайваста ҷаҳду талош менамоянд ва дар ин замина кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки сатҳу сифати нашрияҳои илмӣ мунтазам баланд бардошта шавад.

ТОЗАНАШР

## ДОНИШНОМАИ ФАЛСАФА ИНТИШОР ШУД

**Бо ибтикори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ "Донишномаи фалсафа" нашр гардид, ки фарогири мафҳум ва истилоҳоти соҳа мебошад.**




Он мувофиқи талаботи стандарти давлатии илм ва таҳсилот барои муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Мақсади донишнома муосидат намудан ба ташаккули тафаккури фалсафӣ, рушди донишҳои фарҳангӣ ва вусъат бахшидани хотираи таърихии хонандагону донишҷӯён ва пажуҳандагони соҳавӣ мебошад.

## ОМӮЗГОРИ ДОНИШГОҲ ҒОЛИБИ БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ ЗАБОНИ ЧИНӢ

**Аз 10 то 16-уми ноябри соли ҷорӣ Озмуни байналмилалии табодули малакаҳои таълимоти забони чинӣ таҳти унвони "Беҳтарин омӯзгорони забони чинӣ" барои омӯзгорони маҳаллии минтақаи Осиёи Марказӣ дар соли 2024 баргузор гардид. Ва ин озмун дар 3 сол як маротиба баргузор карда мешавад.**



Омӯзгори кафедраи забонҳои Шарқи факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Нурова Фарзона дар ин озмун иштирок намуда, ҷоизаи Беҳтарин донандаи забони чиниро соҳиб гардид.

Дар ин замина, барои боз ҳам сайқал додани малакаю дониши забондонӣ пешбинӣ шуд, то он кас ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафарбар карда шавад.

ЛИБОСИ МИЛЛӢ

# АКСИЯИ ШАҲРӢ: "ЗЕБИ ЧАКАНУ АТЛАС - ЗЕБОСАНАМИ ТОҶИК"

Бо мақсади тарғибу ташвиқи либоси миллӣ, ки таҷассумгари фарҳангу оини миллати тоҷик мебошад, дар миёни омӯзгорону донишҷӯдухтарони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аксияи тарғиботӣ роҳандозӣ гардид.



ДАСТОВАРД

## ДАСТОВАРД: ДОНИШҶӮИ ДОНИШГОҲ ДАР ДАВРИ ҶУМҲУРИЯВИИ "БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ КОНСТИТУТСИЯ" ДАР ҶОИ ИФТИХОРӢ

Рӯзи 1-уми ноябри соли 2024 дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ даври ҷумҳуриявии озмуни "Беҳтарин донандаи Конститутсия" баргузор гардид, ки дар он донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ Азимзода Шукрона фаъолона ширкат варзида, ба гирифтани ҷойи 3-юм ноил гардид. Дар маросими ҷоизасупории озмуни мазкур Азимзода Шукрона бо диплом ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ қадрдонӣ карда шуд.



## ҶАМЪБАСТИ МУСОБИҚАИ ФУТБОЛ



**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ баҳри ҳифзи саломатии кормандону омӯзгорон чораву тадбирҳои зарурию саривақтӣ андешида мешаванд.**

Дар ин замина, бо дастури ректори донишгоҳ муҳтарам Ибодуллозода Аҳлиддин бахшида ба "Рӯзи Иттифоқҳои касаба" мусобиқаи футбол бо ширкати 11 даста аз раёсату факултетҳо баргузор гардид.

Мусобиқаи мазкур давоми 2 моҳ идома ёфта, дар он шумораи зиёди кормандону омӯзгорон ҷалб гардиданд.

Дар ҷамбасти мусобиқа 3 дастаи беҳтарин ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ сазовор гардиданд:

Ҷойи якум – насиби дастаи Раёсати донишгоҳ

Ҷойи дуюм – насиби дастаи факултети химия

Ҷойи сеюм – насиби дастаи факултети забонҳои романӣ-германӣ

Дар охири мусобиқа ба ғолибон ҷом, медалу ифтихорномаҳо ва мукофотҳои пулӣ тақдим карда шуданд.

## ВИКТОРИНАИ ҲОЗИРҶАВОБОН МИЁНИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОБГОҲҲОИ ДОНИШГОҲ БА ИФТИХОРИ 30-СОЛАГИИ КОНСТИТУТСИЯ ВА "СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ"

**Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар толори бинои асосӣ дар доираи нақша-чорабиниҳои муштараки шуъбаи кор бо ҷавонон ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии иттилоотӣ–фарҳангӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар миёни дастаҳои хобгоҳҳои донишҷӯёни донишгоҳ таҳти унвони "Викторинаи ҳозирҷавбон"**



бо иштироки Давлатшо Каримзода - мудири шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, Дилошӯб Розиқзода - сардори раёсати рушди иҷтимоии ҷавонони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шараф Алланазаров - мудири шуъбаи тарбияи донишгоҳ, Неъматов Аслам, намояндаи Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, Эраҷ Давлатов, Манучеҳр Ҷабборов, кормандони шуъбаи кор бо ҷавонон ва донишҷӯёни хобгоҳҳои донишгоҳ баргузор гардид. Чорабинии имрӯза бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, сипас Давлатшо Каримзода, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон чорабиниро ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро ба ҷашни 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, дар идома мақсад ва шартҳои баргузории чорабинии мазкурро ба ҳозирин шарҳ дод ва иброз намуданд, ки чорабинӣ дар байнӣ донишҷӯёни хобгоҳҳо баргузор гардида истодааст, ки он аз 3-давр иборат мебошад. Даври аввал викторина мебошад, ки аз ду қисм – шифоҳӣ ва хаттӣ иборат мебошад. Дар даврҳои якум ва дуюм донишҷӯён ба саволҳои пешниҳодшаванда, ки роҷеъ ба Конститутсия мебошад ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ ҷавоб медиҳанд. Инчунин дар ин викторина донишҷӯёни факултети таърих ва ҳуқуқ, ғолибони озмунҳо аз ширкат кардан озод мебошанд. Даври сеюм тасвири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар қоғази сафеди 60х80 ватман) мебошад.

Баъдан Дилошӯб Розиқзода - сардори раёсати рушди иҷтимоии ҷавонони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, ки иқдоми роҳбарияти донишгоҳ ва роҳандозии чунин чорабиниҳо барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқии ҷавонон замина мегузорад. Дар идома иброз намуданд, ки 30-солагии қабули Конститутсия боз як фурсати мувофиқ аст, ки мо дар бораи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоии худ мулоҳиза намоем. Дар ин роҳ Конститутсияи давлати озоду соҳибистиқлоламон роҳбаладу роҳнамои мост.

Дар викторинаи ҳозирҷавобон Раҳматов Раҳматбой-омӯзгори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ, Шараф Алланазаров - мудири шуъбаи тарбия ва Неъматов Аслам - намояндаи Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе аъзои ҳакамон буданд ва баъди баромад намудани дастаҳо беҳтаринҳоро муайян намуданд. Дар фарҷоми чорабинӣ Давлатшо Каримзода мудири шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ ва аъзоёни ҳакамон баромад намуда, ҷавобҳои дастаҳоро шарҳу тавзеҳ дода, ғолибонро муайян намуданд. Ғолибони озмун бо дипломҳои Раёсати донишгоҳ ва тӯҳфаҳои хотиравии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти тантанавӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Баҳри болидахотирии ҳозирин барномаи фарҳангӣ саршор аз сурудҳои ватандӯстона ва ҷаззобу рақсӣ аз ҷониби ҷавонон пешниҳод гардид, ки ба чорабинӣ ҳусни дигар зам намуд.

Дастаҳои ғолиб:

Ҷойи якум: дастаи "Ояндасози миллат"-и хобгоҳи №3

Ҷойи дуюм: дастаи "Озодфикрон"-и хобгоҳи №8

Ҷойи сеюм: дастаи "Устувонаи Куруш"-и хобгоҳи №6

*Шахси бесарват вале доро туӣ,*
*Ҳокими ҳақпарвари дунё туӣ.*



# ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛӢ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН



Сангинзод Д.Ш. – муовини Ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Истиқлол бузургтарин неъмат, волотарин дастовард дар таърихи миллати тоҷик ва даврони давлатдории он мебошад. Онро метавон барои миллати мо як навъ санҷиши таърихӣ маҳсуб донист, ки дар роҳи ҳифзу ҳимояи он бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошем.

Дар ин росто лозим ба зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон якчанд омилҳои мухталиф вуҷуд доштанд, ки онҳоро метавон шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Омилҳое, ки дар бақои истиқлоли кишвар монеа эҷод мекарданд;

2. Омилҳое, ки баҳри бақову тантанаи истиқлоли кишвар хизмат намудаанд.

Аз ҷумлаи омилҳое, ки ба банди аввал дохил мешаванд, омилҳои иртиҷоиро ном бурд, ки хусусияти сиёсӣ дошта, дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон хатарҳои зиёдеро ба миён овардаанд. Хавфноктарини ин омилҳо моҷароҳои сиёсӣ буданд, ки минбаъд дар аланга афрӯхтани ҷанги шаҳрвандӣ сабаб шуданд. Омилҳое, ки дар бақову тантанаи истиқлоли кишвар саҳми муносиб гузоштаанд, хеле зиёданд, ки бартараф намудани монеаҳои инкишофи мутаносиб, ҳалли зиддиятҳо ва муқовимати оштинопазир аз ҷумлаи инҳо мебошанд.

Муҳимтарин омиле, ки дар бақову тантанаи истиқлоли кишвар саҳми муносиб доштааст, ин Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) мебошад, ки дар таърихи 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанди бостонӣ баргузор гардид. Метавон бо итминони комил гуфт, ки иҷлосияи мазкур ва асноди ҳуқуқии марбут ба он дар ҳифзи давлатдории миллӣ ва инкишофи ниҳодҳои демократӣ дар Тоҷикистон нақши муайянкунанда бозид. Ин иҷлосияи таърихӣ сабаб гашт, ки дар он шабу рӯз роҳбарияти нави Тоҷикистон, пас аз омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият ба мақсади раҳоии кишвар аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кори мақсадноку самароварро оғоз намояд. Муҳимтарин масъала дар ин давра такмил додани қонунгузории миллӣ ба ҳисоб мерафт. Маҷмуи асноди меъёриву ҳуқуқӣ, ки дар ин иҷлосияи таърихӣ қабул гардид, шаҳодати минбаъд бо роҳи демократӣ пешрафт намудани кишварро ба мо исбот намуд. Табиист, ки таҳкими конститутсионии волоияти қонун, усули таҷзияи ҳокимият, таъмини пурраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, усули плюрализми идеалогӣ ва сиёсӣ ва як қатор муқаррароти дигар ҷустуҷӯи роҳҳои босамару сифатноки татбиқи ҳаётии онҳо ва таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи таҷрибаи ҳуқуқиву давлатдориро тақозо дошт [Иҷлосия – сароғози таърихи навини тоҷикон. Самиев Холмаҳмад. // Ба қуллаҳои дониш.30.10.2012. №12 (1323). Сешанбе. С.7.].

Дар ҷараёни иҷлосия як қатор санадҳои муҳим баҳри пешрафт ва сулҳу суботи ҷомеа ба имзо расиданд, ки аз фаъолияти самарабахш дарак медод. Ин ҳама пас аз интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба сифати раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Дар суханронии аввалини худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфт: «Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам». Бо назардошти вазъи сиёсӣ ва бо мақсади таъмини суботи сиёсӣ Иҷлосия қарори дахлдор қабул намуда, аз шакли идораи президентӣ даст кашид. Ҳамзамон бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти парламентиро дар ҷумҳурӣ ҷорӣ намуд. Тибқи он ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши Раиси Шурои Олӣ вогузор карда шуд, ки ӯ сарвари давлат ҳисобида мешуд. Ҳамчунин, дар Иҷлосия раисони кумита ва комиссияҳои Шурои Олӣ, Раиси Шурои вазирон ва аъзои Ҳукумат аз нав интихоб карда шуданд. Дар маҷмуъ, Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ 74 қонун, қарор ва фармонро ба тасвиб расонид, ки ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ, инкишофи сохторҳои демократӣ, таҳкими ризояти ҷомеа ва ваҳдати миллӣ замина гузошт. Аз давра эътимоду боварии мардуми Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба эътидол омадани вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар афзунтар гашт.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти қонунгузории давраи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтидо гузоштааст, зеро чӣ тавре, ки дар боло зикр намуда будем, таҳти раёсати ӯ ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар Иҷлосияи XVI 74 санади ҳуқуқӣ қабул гардида буд, ки ба фаъол ва таҳким намудани сохтори ҳокимияти давлатӣ асос гузоштааст. Аз ҷумла, тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи статуси депутатҳои халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 ноябри соли 1992, таҳти №673; «Дар хусуси дохил кардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андози даромади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа» аз 23 ноябри соли 1992, таҳти №696; «Дар бораи даровардани тағйирот ба Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 1992, таҳти №697; «Дар бораи аз андози арзиши иловашуда озод кардани роҳхатҳо ба табобатгоҳҳои санаторию курортӣ, истироҳатгоҳҳо ва лагерҳои солимгардонии тобистона» аз 23 ноябри соли 1992, таҳти №700; «Дар бораи гурезагон» аз 24 ноябри соли 1992, таҳти №708; «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд» аз 26 ноябри соли 1992, таҳти №728; «Дар бораи рӯзи сулҳ ва ризояти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992» таҳти №731; «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 ноябри соли 1992, таҳти №740; «Дар бораи ба узвияти Захираи арзи байналхалқӣ, Бонки байналмилалии таҷдиду тараққиёт, Ассотсиатсияи байналмилалии тараққиёти корпоратсияи байналмилалии молия ва Агенти бисёрҷабҳаи замонати пасандозҳо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 ноябри соли 1992, таҳти №698; «Дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи (Қонуни асосӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 ноябри соли 1992, таҳти №704; «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 ноябри соли 1992, таҳти №705; «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 ноябри соли 1992, таҳти №706; «Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволи онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд» аз 30 ноябри соли 1992, таҳти №739 дар ҳамин шумор буданд. Ҳамаи ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар иҷлосияи таърихӣ қабул шуданд, ҳамчун иқдоми пайгиронаи Раиси Шурои Олии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, ки мамлакат ба сӯйи пойдорӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлоли миллӣ қадам гузошта, мардум ба бунёдкориву созандагӣ машғул шаванд.

Тибқи моддаи 109-и Конститутсия Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Бар ивази Девони Вазирон ташкил додани Шурои Вазирон ба мақсад мувофиқ दониста шуд. Аз ин рӯ, Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни асосӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ ва қабул гардид. Аз ин ҷониб мақоми олии ҳокимият Раёсати Шурои Олӣ ба шумор мерафт, ки он давлатро ба таври куллӣ идора мекард.

Барои ба эътидол овардани вазъият, истиқрори сулҳу осоиш ва таҳкими ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон Раиси парлумони ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Шурои Олии Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон муроҷиат карда, хоҳиш намуд, ки ба Тоҷикистон қувваҳои муштараки ҳомии сулҳро фиристанд. Тавассути ин амали худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи байналмилалии Тоҷикистонро устувор намуд.

Бо мақсади хотима додан ба ҷанги дохилӣ, пешгирии фоҷиаи миллӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодию ҷамъиятиву сиёсии давлат, таҳкими сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадил ва таҳкими мақомоти давлатӣ Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти принсипҳои башардӯстӣ қарор кард, ки шахсони аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифати мусаллаҳона ҷиноят ё амалҳои ғайриқонунӣ содиркарда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида нашаванд.

Ин ҳуҷҷатҳои муҳим ва қабули Қонун «Дар бораи гурезагон», ки ба онҳо амнияти шахсӣ ва ёрии моддиву имтиёзҳои имконпазирро кафолат медоданд, бори дигар собит сохтанд, ки роҳбарияти нави Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдори сулҳу осоиш буда, баҳри эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ азму талош дорад ва ҳимояи шарафи инсонии ҳар фардро вазифаи аввалиндараҷаи худ медонад.

Иҷлосияи таърихӣ тавонист ҳукумате таъсис диҳад, ки таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуда, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор созад, Артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис диҳад, аксарияти мутлақи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонад ва ислоҳоти конститутсиониро дар мамлакат амалӣ созад.

Дар муроҷиатномаҳои аввалини худ, Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов вобаста ба вазъияти ҳамонрӯзаи кишвар иҷрои вазифаҳои зеринро дар мадди аввал гузошта буд: дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон барқарор намудани ҳокимият, мақомоти идоракунӣ ва таъмини кори пурмасъулияти онҳо; барқарор намудани сохтори мақомоти амалкунандаи ҳифзи ҳуқуқ дар маҳалҳо ва барои онҳо ҷиҳати иҷрои вазифа фароҳам овардани шароити мусоид; таъсис додани артиши миллӣ; пурзӯр кардани дифои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайдо кардани мавқеи устувор дар ҷомеаи ҷаҳонӣ. Марбут ба ин сарвари давлат изҳор дошт, мо вазифадорем дар ибтидо амнияти давлатро таъмин намоем, артишро созмон дода, фаъолияти сохторҳои ҳифзи ҳуқуқро мустаҳкам намоем. Дар ин ҳолат давлат метавонад худро муҳофизат ва ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин намояд.

Бо назардошти ин зарурат вобаста ба халъи силоҳ ва мустаҳкам кардани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, беҳбудии вазъи сиёсиву иқтисодию иҷтимоӣ ва ғайра як қатор қарорҳо қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифт.

Дар ин замина метавон гуфт, ки марҳалаи навини қонунгузории кишварро аз ин иҷлосияи тақдирсоз оғоз гардидааст, ки дар давоми 16 рӯз дар маҷмуъ он тадбирҳои муҳими сарнавиштсози зеринро анҷом додааст: роҳбарияти нави сиёсии мамлакатро таҳти сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб намуд; сохтори конститутсиониро дар мамлакат барқарор сохт; хатари пош хӯрдани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парокандагии миллатро пешгирӣ намуд; тадбирҳои мукаммали аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани ҷомеаро ба миён гузошт; самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакатро муайян намуд; мавқеи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварро муайян сохта, барои ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои ҷаҳон роҳ кушод; қонунгузории ҷумҳуриро устувор намуд ва ба рушди он замина гузошт.

БАХШИДА БА РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ИНЪИКОСИ СОХТМОНУ НАВСОЗИИ РОҲУ ПУЛ ВА НАҚБҲО ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ раҳнамои самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар барои давраҳои оянда мебошад. Ҳамасола дар Паёмҳои Сарвари давлат оид ба пешрафти сиёсати дохилию хориҷӣ ва таъмини рушди соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, энергетика ва роҳу нақлиёт вазифаҳои мушаххас ба миён гузошта мешавад. Роҳбари давлат борҳо таъкид карданд, ки барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон сохтмони роҳу пулҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумат ба шумор меравад.**

Ба истифода додани роҳи мошингарди Кӯлоб–Хоруғ–Кулма–Қароқурум, нақби мошингарди Анзоб, се пул дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, таҷдиди роҳи Душанбе–Қӯрғонтеппа–Кӯлоб, инчунин идомаи босуръати таҷдиди шоҳроҳи Душанбе–Нуробод–Чирғатол–Саритош, ки танҳо барои ду марҳилаи он зиёда аз 200 миллион сомонӣ маблағ сарф мегардад, дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва рушди иқтисодии кишвар дастовардҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

Президенти кишвар оид ба бунёди пули бузурги байналмилалии Панҷи Поён суханронӣ намуда, иброз намуданд, ки пули мазкур Тоҷикистонро бо Афғонистон, Покистон ва Эрон мепайвандад. Барои сохтмони он 90 миллион сомонӣ ҷудо гардида, 26 августи соли 2007 он ба истифода дода шудааст. Ин пул барои сарфаи миллионҳо сомонӣ маблағ мусоидат хоҳад кард.

Дар соли 2006 азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе–Хуҷанд–Мастчоҳ, Айнӣ–Панҷакент, бунёди нақби Шаҳристон бо маблағи 820 миллион сомонӣ ва нақби Шаршар оғоз гардид. Илова бар ин, сарвари давлат оид ба ташкили сохтмони роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён ва нақбҳои мошингарди Чормағзак ва Фахробод сухан ронӣ намуда, таъкид доштанд, ки бунёди иншооти бузурги коммуникатсионӣ ва навсозии роҳҳои мавҷуда таҳти таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, барои сохтмони онҳо дар солҳои 2006-2008 бо назардошти ҷалби сармояи хориҷӣ зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҷиҳати аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат нақби "Истиқлол", ки сохтмони он 20-майи соли 1999 оғоз гардида буд, 26 июли соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод дар фазои тантанавӣ ба истифода дода шуда, бунёди ду нақби дигар оғоз ёфт ва сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард ба самти Чин, Афғонистон, Қирғизистон ва Узбекистон суръати тоза пайдо намуд.

Президенти мамлакат дар бобати расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар пайваста таъкидҳои ҷолиб карда, дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 иброз намуданд, ки ҳадафи сеюми стратегии мо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва таъмин кардани ривоҷу равнақи минбаъдаи соҳаҳои нақлиёту алоқа мебошад. Ҳоло дар ин самт сохтмони нақбҳо, роҳу пулҳои нақлиётии дорои аҳамияти байналмилалӣ, ки барои рафтуомади доимӣ ба кишварҳои ҳамсоя ва минтақаву ҷаҳон имконият медиҳанд, идома ёфта истодааст. Бояд гуфт, ки дар доираи татбиқи ҳадафҳои созандагиву бунёдкорӣ дар кишварамон ҳаҷми маблағгузорӣ барои сохтмони асосӣ сол то сол афзуда истодааст.

Рушди инфраструктураи коммуникатсионӣ омили муҳими пешрафти иқтисод ба шумор меравад. Солҳои охир аз ҷониби Ҳукумат бо харҷи маблағҳои зиёди буҷетӣ ва сармояи хориҷӣ дар ин самт хеле корҳо анҷом дода шуданд. Ҳоло дар маҷмуъ 1 ҳазору 200 километр роҳҳои мошингард, 14 километр нақбҳо, 93 пул ва 5 километр иншооти зидди тармавӣ бунёд ва таъмиру тармим шуда истодаанд. Ҷиҳати сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва нақбу пулҳо ба маблағи 2 миллиарду 200 миллион сомонӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавриди татбиқ қарор доранд. Дар доираи онҳо азнавсозии роҳи автомобилгарди 354 – километраи Душанбе – Бӯстон – Чанок соли ҷорӣ пеш аз мӯҳлат ба анҷом расонида шуда, бунёду азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе – сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон ба масофаи 400 километр ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон бо ин, барои амалӣ намудани 5 лоиҳаи марбут ба азнавсозии 380 километр роҳҳо корҳои омодагӣ давом доранд. Умуман, дар се соли оянда соҳаи роҳсозӣ дар ҳаҷми 2 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ гардида, то ҷашни бистсолагии истиқлолияти давлатӣ мамлакатамон пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварда мешавад. Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумат зарур аст, ки дар хусуси бунёди инфраструктурае, ки Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ мебарорад ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидану дар ҳолати хуб нигоҳ доштани он, инчунин ҷорӣ намудани механизмҳои худмаблағгузорӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Сарвари давлат қайд намуданд, ки вазъи имрӯзаи иқтисоди ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии соҳаи нақлиёт ва алоқа аз механизмҳои муосир самаранок истифода барем. Дар ин раванд ба рушди соҳаи нақлиёти ҳавоӣ низ такони ҷиддӣ бахшидан зарур аст.

Бо ин мақсад ва дар доираи ислоҳоти соҳаи мазкур соли гузашта сохтори он мавриди таҷдид қарор дода шуд. Ба мо лозим аст, ки инфраструктураи фурудгоҳҳо ва соҳаи ҳавопаймоиро низ ба талаботи иқтисоди миллӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ созем.

Дар баробари ин, бояд хатҳои парвози ҳавопаймоҳои ширкатҳои ватаниву хориҷиро зиёд карда, барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ, таъмини бехатарӣ ва паст гардонидани арзиши хизматрасонӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Бо назардошти ин вазифаҳо, ба Вазорати нақлиёт ва



**Айнулозода Наҳтулло Айнуло – муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент**

коммуникатсия ва Корхонаи воҳиди давлатии "Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе" зарур аст, ки бо мақсади ба меъёрҳои муосир мутобиқ гардонидани фурудгоҳи шаҳри Душанбе бунёд ва ба истифода супоридани терминали навро ба маблағи 140 миллион сомонӣ то моҳи сентябри соли 2011–ум таъмин намоянд. Сатҳи хизматрасонии нақлиёти роҳи оҳан низ бояд ба талаботи замона мувофиқ гардонида шуда, вазъи бору мусофиркашонӣ бояд беҳтар ва тарифҳои онҳо воқеӣ карда шаванд. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ зарур аст, ки нақшаи таҷдиди Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон"-ро таҳия намуда, ҷиҳати амалии он тадбирҳо андешад. Ҳамчунин Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия, Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" дар баробари таҳкими заминаи моддиву техникии соҳаи нақлиёти роҳи оҳан ба бунёди роҳи оҳани Душанбе – Қурғонтеппа ба масофаи 46 километр, ки дар арафаи иди Наврӯз оғоз ёфт, суръат бахшанд.

Пешвои миллат соли 2009 дар паёми худ ба Маҷлиси олӣ зикр намуданд, ки дар бахши сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард дар кишвар 14 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи 2,8 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. То соли 2012 ба анҷом расидани як қатор лоиҳаҳо дар назар аст, ки дар натиҷа 1650 километр роҳҳо, 15 километр нақб ва зиёда аз 100 адад пулҳо таҷдид ва бунёд хоҳанд шуд.

Дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ислоҳот идома дорад, ки дар доираи он ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ намудани фурудгоҳҳо, зиёд намудани самтҳои парвоз ба давлатҳои хориҷии дуру наздик пешбинӣ шудааст.

Дар давоми солҳои гузашта сохтмони роҳу пулҳои дорои аҳамияти на танҳо ҷумҳуриявӣ, балки байналмилалӣ, инчунин бунёди нақбҳои мошингард босуръат идома дода шуд. Бо ин мақсад маблағгузории соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар панҷ соли охир бо назардошти лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ - 3,9 миллиард сомониро ташкил дода, дар соли ҷорӣ ба ин мақсад 1,4 миллиард сомонӣ равона мегардад.

Ҷиҳати таҷдиди роҳҳои мошингарди кишвар, беҳтар гардонидани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ ва умуман рушди соҳаи нақлиёт ҳоло 11 лоиҳаи

*(Идома дар саҳ. 14)*

ТАҲЛИЛ

# ИНЪИКОСИ СОХТМОНУ НАВСОЗИИ РОҲУ ПУЛ ВА НАҚБҲО ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 13)*

сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки татбиқи онҳо ба беҳтар гардидани дастрасӣ ба бозор, зиёд кардани ҳаҷми тиҷорат дар минтақа, паст намудани арзиши хизматрасонии нақлиётӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст. Дар соли 2011 татбиқи 3 лоиҳаи нав - сохтмони роҳҳои мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб, Шоғун–Зиғар (марҳалаи 3) ва таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода ба маблағи умумии зиёда аз 4,5 миллиард сомонӣ оғоз мегардад. Ҳоло дар мамлакат сохтмони ду нақби нақлиётии Чормағзак ва Шаҳристон бо дарозии умумии қариб 10 километр босуръат идома дорад. Соли 2011 Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 қабул гардид. Тибқи барномаи мазкур бунёду таҷдиди беш аз чор ҳазор километр роҳ ва 576 пул ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Президенти мамлакат дар паёмҳои худ оид ба нақши роҳҳои оҳан дар рушди иқтисодиёти кишвар суханронӣ намуда, соли 2012 супориш доданд, ки Вазорати нақлиёт, Хадамоти гумрук, Корхонаҳои воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва ширкатҳои ҳавопаймой сохтмони таъмири роҳҳои мошингарду оҳан, аз ҷумла қитъаи роҳи оҳани "Ваҳдат – Ёвон"-ро тезонида, доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ дар фурудгоҳу истгоҳҳои роҳи оҳан ва гузаргоҳҳои гумрукӣ, инчунин ташкили марказҳои логистикӣ чораҳои ҷиддӣ андешанд.

Илова бар ин, Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" вазифадор карда шуд, ки дар самти бартараф намудани монеаҳои сунъии бюрократӣ ҳангоми воридоту содироти молу маҳсулоти соҳибкорону тоҷирон чораҷӯӣ намояд.

Пас аз 6 солу 2 моҳ 27 октябри соли 2012 нақби мошингарди Шаҳристон, ки дарозиаш 5253 метр мебошад, бо 5289 метр нақби ҳаводиҳанда бо маблағи қариб 430 миллион сомонӣ ифтитоҳ карда шуд. Зикр кардан лозим аст, ки то соли 2013 ҷиҳати раҳоӣ ёфтани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баромадан ба бандарҳои обии ҷаҳонӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии қариб 3,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуда, 1650 километр роҳҳои мошингард таҷдиду азнавсозӣ гардида, 109 пул ва 27 километр нақб сохта шуд. Дар ҳамин давра дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 5,5 миллиард сомонӣ амалӣ карда мешуданд.

Президенти ҷумҳурӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси олӣ (2013) иброз доштанд, ки сохтмони барқарорсозии роҳи мошингарди Айнӣ–Панҷакент, Душанбе–Турсунзода, Кӯлоб–Қалъаихумб, сохтмони терминали замонавӣ дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, хатти роҳҳои оҳани Душанбе–Қурғонтеппа (қитъаи Ваҳдат–Ёвон) ва Қурғонтеппа – Панҷи Поён дар назар дошта шудааст.

Соли 2014 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 1,1 миллиард сомонӣ ва дар 7 соли оянда зиёда аз 8 миллиард сомонӣ харҷ карда мешавад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо, аз ҷумла сохтмони хатти роҳи оҳани Туркманистон – Афғонистон – Тоҷикистон, роҳҳои мошингарди байналмилалии Душанбе–Кӯлоб–Хоруғ–Кулма, Душанбе – Турсунзода, Айнӣ – Панҷакент, Восеъ – Ховалинг ва хусусан роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон – Қӯрғонтеппа барои беҳтар гардидани фазои сармоягузории кишвар, пайваст шудан ба шабакаҳои байналмилалии нақлиётӣ, рушду тараққии бозори дохилӣ ва афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои байналмилалӣ мусоидат намуд.

Аз соли 2009 то соли 2014 барои раҳоӣ бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ зиёда аз 5 миллиард сомонӣ, равона карда шудааст. Дар ин раванд, азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе–Турсунзода, роҳҳои Душанбе – Қурғонтеппа – Панҷи Поён, Айнӣ – Панҷакент, Душанбе – Хоруғ – Кулма (қитъаи Шӯрообод–Дарвоз), Восеъ – Ховалинг, бунёди роҳи оҳани Душанбе–Қурғонтеппа (қитъаи Ваҳдат–Ёвон), таҷдиду сохтмони роҳҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ амалӣ гардид.

Соли 2015 азнавсозии шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода ба масофаи 57 километр ба маблағи беш аз 800 миллион сомонӣ ва шоҳроҳи Айнӣ–Панҷакент ба масофаи 113 километр ба маблағи беш аз 700 миллион сомонӣ ва азнавсозии роҳи мошингарди Восеъ – Ховалинг ба масофаи 88 километр ва ба маблағи 370 миллион сомонӣ ба анҷом расид. Чунин иқдомот дар ҷодаи ҳамлу нақли боркашонӣ барои паст гардонидани арзиши аслӣ ва сифати маҳсулот мусоидат мекунад.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани роҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб – Қалъаихумб – Хоруғ – Кулма соли 2015 таҷдиду қисмати душвортарини он, яъне Кӯлоб – Шурообод ба масофаи 32 километр ва Шкев – Қалъаихумб ба масофаи 26 километр, ба маблағи умумии беш аз 800 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуд.

Дар давоми соли 2015 дар маҷмуъ, қариб 510 километр роҳ таъмиру таҷдид ва 140 пул сохта ва барқарор карда шудааст. Илова бар ин, ба маблағи беш аз 70 миллион сомонӣ таъмиру таҷдиди роҳҳои байни шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот ба масофаи 324 километр ба анҷом расидааст. Истисно аз ин, аз ҳисоби Фонди эҳтиётии Президенти мамлакат дар 21 шаҳру ноҳияи кишвар 81 километр роҳҳои байнишаҳрӣ ба маблағи 90 миллион сомонӣ таъмиру азнавсозӣ шудаанд.

Бунёди роҳу пулҳои аҳамияти байналмилалидошта ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи то соли 2030 ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон мусоидатнамуда, ҳукумати мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро бо ҷалби беш аз 12 миллиард сомонӣ амалӣ гардонидааст.

Тайи солҳои охир дар натиҷаи бунёди шоҳроҳҳои мошингарди байналмилалӣ ва пайвастани Тоҷикистон бо роҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, кушода шудани роҳи оҳан ва 16 гузаргоҳи сарҳадӣ бо Узбекистон кишвари мо аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфт ва ҳадафи дуюми стратегиамон амалӣ гардид.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишвар аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ беш аз 2100 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингарди дохилӣ аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёду таҷдид карда шуданд.

Танҳо соли 2018 сохтмону таҷдиди қариб 200 километр роҳи дохиливу байналмилалӣ ва 45 пул ба анҷом расонида шуд. Қобили зикр аст, ки дар соҳаи нақлиёт ба маблағи умумии 7,5 миллиард сомонӣ 14 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар бобати лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки то соли 2019 дар мамлакат дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ карда шуд.

Аз соли 2020 лоиҳаҳои таҷдид ва бунёди қитъаи роҳи Обигарм–Нуробод шоҳроҳи Ваҳдат–Қарамиқ (яъне Лахш) ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ, Қалъаихумб – Ванҷ бо арзиши лоиҳавии 2,2 миллиард сомонӣ, Ҳулбук – Темурмалик ба маблағи 200 миллион сомонӣ ва сохтмони пули ҳафтуми дарёи Панҷ миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар мавзеи Кокул бо 18 километр роҳи мошингард ба маблағи 70 миллион сомонӣ ва дигар лоиҳаҳо оғоз карда шуд.

То соли 2021 ҷиҳати раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуд.

Соли 2021 лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Обигарм–Нуробод, Ҳулбук–Темурмалик–Кангурт, Данғара–Левакант–Бохтар, қитъаҳои Қалъаихумб–Ванҷи шоҳроҳи Душанбе–Кулма, Қизилқалъа–Бохтари шоҳроҳи Душанбе–Бохтар, Бекобод–Бобоҷон Ғафуров–Конибодом, сохтмони пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фарҳор ва дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, таҷдиди роҳи мошингард ва бунёди долонҳои зидди тарма дар мавзеи Барсеми ноҳияи Шуғнон шурӯъ шуданд.

Ҷиҳати идомаи корҳои таҷдиду азнавсозии роҳҳо ва тақвияти имкониятҳои транзитии кишвар дар соли 2022 татбиқи 3 лоиҳаи сармоягузорӣ, аз ҷумла таҷдиди як қисми роҳи мошингарди Данғара – Бохтар (29 километр) ва роҳи мошингарди Душанбе – Кулма дар қитъаи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) оғоз гардид.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 26,6 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуданд.

Дар соли 2023 танҳо дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе 16 километр роҳҳои мошингард бо арзиши 700 миллион сомонӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта вусъати тоза гирифта, танҳо дар соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорон ба маблағи зиёда аз 300 миллион сомонӣ қариб 1000 километр роҳҳои маҳаллӣ таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 41 пул ба анҷом расидааст.

Ба ҳамин тариқ, таваҷҷуҳи роҳбари давлат дар бобати сохтан ва ба истифода додани роҳу пулҳо ба аҳамияти стартегӣ молик буда, аз паём то паёми навбатӣ сол то сол вазъи роҳу пулсозӣ дар ҷумҳурӣ рӯ ба нашъунамо кардааст. Бунёди нақбу долонҳои нақлиётии байналмилалӣ барои равнақу ривоҷи соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар ва раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат менамояд.

**БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲБАРИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН – ПЕШВОИ ТОҶИКОН

**Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вуруди худ ба саҳнаи сиёсати давлати тоҷикон ҳамчун шахсияти мардумӣ, худогоҳ ва сулҳофар тавонистанд дар як муддати аз нигоҳи таърихӣ начандон тӯлонӣ сулҳу ваҳдатро дар мамлакат барқарор намуда, низоми муайяни идоракуниро рушд диҳад. Истеъдоди фавқулодаи давлатдорӣ ва маҳорати камназири сиёсатмадорӣ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сазовори маҳбубияти халқи кишвар гардонид.**

**Рустами Эмомалӣ**

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як шаҳрванди худогоҳу ватандӯст, ҳар як сокини озоду осудаи кишвар ҷашни милливу худшиносӣ, бозгашт ба асолати таърихӣ ва баҳрабардорӣ аз мактаби давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ҳанӯз дар Муроҷиатномаи худ ба халқи шарифи Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 1992 изҳор намуда буданд: "Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шуда, бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузошта шавад".

Дар натиҷаи саъйу кӯшишҳои пайваста ва ҷоннисориҳои Пешвои миллат сохти конститутсионӣ ва мақомоти давлатӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки он дар таърихи навини тоҷикон саҳфаи наверо кушод. Маҳз дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ ҳукумати нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва Сарвари давлат, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид. Воқеъан, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин иҷлосия нақши Пешвоии худро муарифӣ намуданд. Ба ҳар сурат, аввалин суханҳои самимонаи Сарвари нави давлат ҳамчун Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-"Ман ба шумо сулҳ меорам", "Ҳастиямро барои миллатам мебахшам", "То охирин гурезае, ки ба Ватан барнагардад худамро орорму осуда ҳис намекунам", "Ман ба мамлакат сулҳ меорам, халқи Тоҷикистонро аз фоҷиаи ҷангу хунрезӣ наҷот медиҳам, ваҳдати саросарии мардумони гуногунмиллати кишварамро таъмин хоҳам намуд".

Бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Пешвои муаззами миллат вазъи иқтисодиву иҷтимоии ватани азизамон ру ба пешравӣ ҳаст. Ҳоло ба пешрафтҳои Ватан назар афканда ,хуб дарк месозем, ки сулҳу осоиш барои мо ва ояндаи кишвар қадру қиммат ва арзиши беандоза дорад. Ҳазорон шукр гузорем, ки рузҳои пурдаҳшат паси сар гардид.

Аммо набояд фаромуш кард, ки дар туфони пурталотуми ҷаҳон нигоҳ доштани як кишвари амну осоишта кори осон нест. Аз ин хотир, таҷлили 16 –уми ноябр ҳамчун рузи таърихӣ ва сарнавиштсози миллати тоҷик мебошад ва ҳамзамон нуктаи муҳим ҳам рақами 16 нишон дод,ки фаъолият Пешвои муаззам ба мардуми Тоҷикистон фоли нек мебошад. Нуктаи муҳимтарин ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз соли 1930 16-умин Роҳбари давлати Тоҷикистон аст.

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ки тахти сарварии бевоситаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун таҷрибаи нодири расидан ба сулҳу субот эътироф гардида, дар минтақаҳои гуногуни олам истифода шуда истодааст.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, бунёдгузори заминаҳои ҳуқуқии давлати демократӣ ва пешбару илҳомбахши сиёсат дар ин самт маҳсуб меёбанд. Миллати сарбаланди тоҷик дар ин муддати кӯтоҳ тавонист, зери сарварии фарзонафарзанди миллат, абармарди арсаи сиёсат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ҷаҳониён исбот намуд, ки тарафдори сулҳу дӯстӣ ва арҷ гузоштан ба насли башар мебошад. Халқи Тоҷикистон дар симои роҳбари худ шахсиятеро дарёфтанд, ки баҳри баркарор намудани сулҳи саросарӣ, якпорчагии мамлакат, раҳонидан аз бумбасти коммуникатсионӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат талошҳои зиёд намуданд.

Имрӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, барои халқу миллати худ хизматҳои арзандаву беназир кардааст. Ташаккули давлатдории миллии мо ва эҳёи мақому манзалати он дар арсаи ҷаҳонӣ ба заҳмат ва талошҳои пайвастаи шахсияти таърихӣ ва Президенти мардумӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқаи ногусастанӣ дорад.



**Назарзода Нигора Нурмаҳмад – муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, доктори илмҳои биология, профессор**

Пешвои миллати ману ту
обуруйи ману ту дар арсаи ҷаҳон аст.
Пайи ҳифзи Ватан аз хоб мондӣ,
Гаҳе аз дида ҷое ашк рондӣ.
Ба сад азму талошу заҳмати беш
Ватанро бар раҳи Ваҳдат расондӣ.
Худо хандид бар рӯят, амон бош,
Сарафроз одами рӯи ҷаҳон бош.
Магӯ зинҳор рӯзе, пир гаштам,
Ҳамеша Пешвои тоҷикон бош.
Бале, Исмоили Сомон ту ҳастӣ,
Шукӯҳи бахти нурафшон ту ҳастӣ.
Муборак ҷашни Истиқлолу Ваҳдат,
Ба қалби Тоҷикистон ҷон ту ҳастӣ.

**ТАҲЛИЛ**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАЪМИНИ ТАҲСИЛОТИ БОСИФАТ

Таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва пешбурди имкониятҳои таҳсилоти доимӣ яке аз мақсади асосии “Ҳадафҳои рушди устувор” ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби Созмони милали муттаҳид ба тасвиб расидааст. Ҷавобгӯ набудани дониши кӯдакону наврасон ба стандартҳои ҳадди ақали малакаи дониш ва таъмин набудан ба ғизои маънавӣ боиси сар задани як қатор масъалаҳои глобалӣ мегарданд, ки сарчашмаи он фарогирии маҳви бесаводӣ дар байни аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ин, созмонҳои байналхалқӣ баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолиро яке аз масъалаҳои муҳим хонда, тамоми давлатҳои куррaи замин дар мубориза бар зидди маҳви бесаводӣ мебошанд.

Дар давоми даҳсолаи охир дар роҳи васеъ намудани дастрасӣ ба таҳсилот ва афзоиши фарогирии мактаб дар ҳама сатҳҳо, бахусус духтарон, қадамҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Бо вуҷуди ин, мувофиқи маълумотҳои солҳои охир ҳудуди 260 миллион кӯдак ҳанӯз аз мактаб берун монданд, ки тақрибан панҷяки аҳолии ҷаҳонро дар ин гурӯҳи синну сол ташкил медиҳад. Илова бар ин, беш аз нисфи кӯдакон ва наврасон дар саросари ҷаҳон ба стандартҳои ҳадди ақали малакаи хониш ва математика ҷавобгӯ нестанд. То апрели соли 2020 тақрибан 1,6 миллиард кӯдакон ва ҷавонон аз мактаб берун монданд. Тақрибан 369 миллион кӯдаконе, ки ба ғизои мактабӣ такя мекунанд, маҷбур шуданд, ки манобеи дигари ғизои ҳаррӯзаро ҷустуҷӯ кунанд.

Дар қатори давлатҳои дигари ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар давраи аввали солҳои соҳибистиқлолӣ бо ин мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуда буд ва ҷиҳати фаро гирифтани аҳолӣ ба таълим тахти сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, низоми маорифи кишвар дар соли 2023 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифтааст ва тибқи дурнамо ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад.

Ҳамаи бунёдкориҳову созандагиҳои даврони истиқлол шаҳодати он аст, ки дар сиёсати давлат соҳаи маориф дар мадди аввал меистад, зеро кадрҳои омоданамуда тавонистанд, ки дар ин муддати кӯтоҳ Тоҷикистонро ба як кишвари ободу гулгулшукуфон ва як мамлакати иқтисодиёташ рӯ ба тараққӣ мубаддал намоянд.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки Ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Новобаста аз корҳои баанҷомрасонида, тибқи барномаи ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 мушкилотҳои мавҷудаи самти мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар “Стратегияи ҳа-

*(Идома дар саҳ. 16)*

ТАҲЛИЛ

(Аввалаш дар саҳ. 13)



дафҳои рушди устувор то давраи соли 2030” самтҳои рушди соҳаи маорифро дар қатори дигар соҳаҳо таҳия намуда, як қатор масъалаҳо бояд ҳалли худро ёбанд. Авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Маҳз вобаста ба ин, дар назар аст, ки:

- духтарон ва писарон ба таҳсилоти ройгон, одилона ва босифати ибтидоӣ ва миёнаро ба даст оранд, ки ба натиҷаҳои мувофиқ ва самараноки таълим ноил шаванд;
- таъмин намудани дастрасии ҳамаи духтарон ва писарон ба рушди босифати кӯдакӣ, нигоҳубин ва омӯзиши барвақтӣ, то онҳо ба таҳсилоти ибтидоӣ омода бошанд;
- таъмини дастрасии баробари ҳамаи занону мардон ба таҳсилоти дастрас ва босифати касбӣ ва олӣ, аз ҷумла таҳсилоти донишгоҳӣ;
- ба таври назаррас зиёд кардани шумораи ҷавонон ва калонсолони дорои малакаҳои зарурӣ, аз ҷумла малакаҳои касбӣ, барои шуғл, кори шоиста ва соҳибкорӣ;
- барҳам додани нобаробарии гендерӣ дар соҳаи маориф ва таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот ва касбомӯзӣ дар ҳама сатҳҳо барои гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла маъюбон, кӯдакони дар ҳолати осебпазир қарордошта;
- таъмин намудани он, ки ҳамаи донишҷӯён донишу малакаҳои заруриро барои мусоидат ба рушди устувор, аз ҷумла тавассути таълим дар бораи рушди устувор ва тарзи ҳаёти устувор, ҳуқуқи инсон, баробарии гендерӣ, пешбурди фарҳанги сулҳ ва зӯроварӣ, шаҳрвандии ҷаҳонӣ ва огоҳии арзишҳои гуногунии фарҳангӣ ва саҳми фарҳанг ба рушди устувор;
- сохтан ва такмил додани муассисаҳои таълимие, ки аз рӯи кӯдакон, маъюбӣ ва гендерӣ ҳассосанд ва барои ҳама муҳити бехатар, ғайризӯроварӣ, фарогир ва самараноки таълимро фароҳам оварда шавад;
- ба таври назаррас зиёд кардани шумораи муаллимони соҳибихтисос, аз ҷумла тавассути ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи тайёр кардани омӯзгорон ва ғ.

Дар ин росто, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки амиқ оид ба ин масъала чунин таъкид месозанд: «Маориф омили муњимтарини њастии давлат ва наљоти миллат аст. Мо соҳаи маорифро самти асосӣ ва стратегии сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон намудем».

**Ғафорзода Ҷонона Ғафор**
**декани факултети иқтисод ва идора,**
**н.и.и., дотсент**

ҶОЛИБ

# ЧАРО МАТЕМАТИКОН АЗ ҶОИЗАИ НОБЕЛ МАҲРУМАНД?

**Оё медонед, ки Нобел кист ва чи гуна ҷоиза дорад. Агар не, пас биёед ин мақоларо мутолиа намуда, бо Нобелу ҷоизааш ва ба киҳо дода шудани он шинос мешавем.**

Ҳар сол барои кашфиётҳои бузурги илмӣ дар соҳаи физика, химия, тиб, адабиёт ва сулҳи пойдор дар олам мукофот дода мешавад, ки номдортарини он Ҷоизаи Нобел аст.

Алфред Бернхард Нобел олими намоёни швед буда, 21-уми октябри соли 1833 таваллуд шуда ва 10-уми декабри соли 1896 дар Сан-Рети (Италия) фавтидааст. Ҳамагӣ 63 сол умр дида, оиладор нашудааст. Ҳамаи ҳаёти худро ба омӯзиш ва кашфиётҳои илмӣ бахшидааст. Тавонистааст, ки бо кашфиётҳои бузурги худ номашро то абад зинда гузорад.

Нобел муҳандис-олими намоёни швед буда, аз соли 1853 дар ширкати «Нобел», ки ба падари ӯ тааллуқ дошт ва барои артиши Русия яроқи ҳарбӣ меовард, кор кардааст. Барои ихтирои динамит соли 1867 иҷозатномаи кишварҳои Шветсия, Англия ва Америкаро гирифтааст. Таркиби боруги бедудро кор кардааст.

Ӯ пеш аз маргаш 33 миллион крони шведиро барои мукофот дар корҳои беҳтарин дар соҳаи физика, химия, физиология, тиб, адабиёт ва мустаҳкам кардани сулҳ васият кардааст. Нобел сармоядори бузурги охири асри 19 буда, соҳиби 93 завод, ихтироъкунандаи динамит ва дигар моддаҳои тарканда, дорандаи 350 шаҳодатномаи ҳуқуқии ихтироъкорӣ, доктори фалсафа ва академик буд. Асосан сарвати худро дар муассисаи нафтистеҳсолкунии бародарон «Нобел»-и Русия ва аз корхонаҳое, ки ба мусаллаҳшавии бошитоб иртибот доштанд, ҷамъ намудааст. Забони русиро хеле хуб медонист ва забони дуюми худ ҳисоб мекард. Яке аз элементҳои химиявии системаи даврии элементҳо, ки номи Нобелий-102-ро дорад, аз тарафи ӯ кашф карда шуда ва ба номаш гузошта шудаст. Тануран вулқонии тарафи муқобили моҳро ӯ муайян кардааст ва он ба номи ӯ мебошад.

Нобел пеш аз маргаш, 27-уми ноябри соли 1895 васиятномае навиштааст, ки дар он сухан дар бораи тамоми сарвати то замони марг ҷамъ кардааш мерафт. Дар он аз ҷумла гуфта шудааст: «Тамоми амволи баъд аз марги ман монда бояд чунин тақсим гардад, васиятгари ман бояд тамоми сарват ва моли маро ба коғази қиматдор (пулӣ) табдил дода, хазинаеро ташкил диҳад ва фоизҳои аз ин хазина ба даст омада ба шакли ҷоиза ба онҳое дода шавад, ки дар давоми сол ба башарият манфиати азиме овардаанд». Сипас, ӯ дар васиятномааш менависад, ки фоизҳо бояд ба панҷ қисми баробар тақсим шаванд. Қисми якум ба он шахсе дода шавад, ки бузургтарин кашфиёти илмиро дар соҳаи физика кардааст. Қисми дуюм ба он шахсе дода шавад, ки бузургтарин кашфиётро дар соҳаи физиология ё тиб амалӣ намудааст. Қисми сеюм ба бузургтарин кашфиёт дар соҳаи химия ҷудо шудааст. Қисми чорум ба офарандаи беҳтарин асари бадеӣ, ки идеалҳои олии инсониро инъикос менамояд, бахшида шудааст. Қисми панҷум ба он нафаре дода мешавад, ки дар иттиҳоди халқҳо, аз байн бурдани ғуломӣ, камшавии теъдоди қӯшунҳои ҷангӣ ва таҳкиму густариши сулҳ дар ҷаҳон саҳми арзанда гузоштааст.

Дар васияти Нобел ҷудо кардани маблағ барои ҷоизаҳо ба намояндагони танҳо панҷ соҳа пешбинӣ шудааст:

1. Физика (аз соли 1901 дар Шветсия мукофотонида мешавад);
2. Химия (аз соли 1901 дар Шветсия мукофотонида мешавад);
3. Физиология ё тиб (аз соли 1901 дар Шветсия мукофотонида мешавад);
4. Адабиёт (аз соли 1901 дар Шветсия мукофотонида мешавад);
5. Тарғиби сулҳ дар тамоми дунё (аз соли 1901 дар Норвегия мукофотонида мешавад).
6. Ҷоизаи сулҳи Нобел

Инчунин, ба ғайр аз васияти Нобел, аз соли 1969 инҷониб бо ташаббуси Бонки Шветсия ҷоизаи ёдбуди Алфред Нобел дар соҳаи иқтисод низ дода мешавад, ки онро ғайрирасмӣ Ҷоизаи Нобел барои соҳаи иқтисод меноманд. Он дар ҳамон шароити ҷоизасупории дигар ҷоизаҳои Нобел дода мешавад. Дар оянда Шурои Бунёди Нобел тасмим гирифтааст, ки шумораи номзадҳоро дигар зиёд накунад.

Ҳоло ҳам барои намояндагони соҳаҳои дигари илм ва




санъат, ки Нобел онҳоро аз таваҷҷӯҳи худ дур кардааст, чунин мукофотҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати мақом ва андозаи худ ба ҷоизаи Нобел нисбатан наздиканд. Барои риёзидонон, ин пеш аз ҳама, ҷоизаҳои Ҳобил ва Филдс мебошанд. Дар соҳаи дин ба ҷоизаи Нобел ҷоизаи Темплтон монандӣ дорад. Дар васиятномаи худ Нобел таъкид мекунад, ки ҷоиза сарфи назар аз мутааллиқи кадом миллат будани номзад, дода шавад.

Сабабҳои эҳтимолии шомил накардани баъзе соҳаҳо ба рӯйхат аз он ҷумла математика, ки Нобел дар васияти худ таъин кардааст, ихтилофоти зиёдеро ба бор овард. Қисми зиёди муҳокима маҳз бо мавҷуд набудани математика дар васиятнома мебошад, ки Нобел онро бо Ҷоизаи сулҳ иваз кард. Мувофиқи як қатор ривоятҳои мавҷудбуда, ҷой надодани математикаро бо муносибатҳои шахсии Нобел бо математикони мушаххаси охири асри XIX пайваст мекунанд. Дар аксари ин ҳикояҳо математики швед Магнус Густав Миттаг-Леффлер сабаб дониста мешавад, ки гӯё бо арӯси Нобел муносибат доштаасту ӯро аз Нобел дур карда бошад. Бо вуҷуди ин, ин ҳикояҳо далели мустанад надоранд.

Ҳоло ҳам барои риёзидонон ва ҳам барои намояндагони соҳаҳои дигари илм ва санъат, ки Нобел онҳоро аз таваҷҷуҳи худ дур кардааст, чунин мукофотҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳати мақом ва андозаи худ ба ҷоизаи Нобел нисбатан наздиканд. Барои математикҳо, ин пеш аз ҳама, ҷоизаҳои Ҳобил ва Филдс мебошанд.

Ҳоло андозаи Ҷоизаи Нобел 10 млн кронаи шведӣ (қариб 1,05 млн евро ё 1,5$ млн доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад.

**Норов Р.С. – муаллими калони кафедраи методикаи таълими математикаи факултети математика ва информатика**


Омӯзгори ҷавон

ХАЙАТИ МУШОВАРА:
АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Наҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов
САРМУҲАРРИР:
ФАРИДУН КЕНҶАЗОД
Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо:
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон:
224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.
Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.
Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.
Адади нашр: 50 нусха